Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Б А Р Н О М А И
# РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ
# НОҲИЯИ ҒОНЧӢ БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2020

Душанбе - 2015

**Маълумоти мухтасар:**

**Мавқеи ҷойгиршавӣ** : вилояти Суғд

**Таъсис дода шудааст:** 5.12. 1929

**Масоҳат:** 1588,7 км. кв.

**Аҳолӣ - ҳамагӣ:** 155,5 ҳазор нафар

Зичии аҳолӣ**:** 95.6 нафар дар 1 $км^2$

**Маркази маъмурӣ**: шаҳраки Ғончӣ

Масофаи байни н. Ғончӣ ва шаҳри Хуҷанд - 65 км.

**Сохтори марзию маъмурӣ**: 1 шаҳрак, 7 ҷамоати деҳот ва 55 деҳа

# М У Н Д А Р И Ҷ А

**Мундариҷа ………………………………………………………………………….… 3**
**Биниши ноҳияи Ғончӣ……………………………………………………………… 4**
**Пешгуфтор……………………………………………………………………….... 5-6**

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯ**
**1.1. Маълумоти умумӣ …………………..………………………………………… 7**
**1.2. Вазъи демографӣ…………………………………………………………….... 8**
**Таҳлили ҳолати воқеии ноҳия………..……………………………………… 8-9**

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ**
**2.1. Соҳаи кишоварзӣ……………………………………………………………….. 9-18**
**2.2. Саноат…………………………………………………………………………… 18-21**
**2.3. Соҳибкории хурду миёна…………………………………………………….. 22-23**

**БОБИ 3. БАХШИ ИҶТИМОӢ**
**3.1 Маориф ………………………………………………………………………… 24-27**
**3.2.Тандурустӣ ……………………………………………………………………… 28-32**
**3.3. Ҳифзи иҷтимоӣ………………………………………………………………… 32-34**
**3.4. Фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ………………………………………………… 34**

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР**
**4.1. Обтаъминкунӣ ва хизматрасонии рифоҳӣ (коммуналӣ) ……………………….. 35-36**
**4.2. Таъминот бо барқ………………………………………………………………… 36**
**4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ ………………………………………………………… 36-37**
**4.4.Алоқа ва фазои иттилоотӣ……………………………………………………….. 37**

**БОБИ 5. ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛЛОДА.**
**Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқуллода ……………………………………………… 37**

**БОБИ 6. МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМАИ РУШДИ НОҲИЯ**
**6.1. Таъминоти молиявии Барномаи Рушд …………………………………….. 38-39**

**БОБИ 7. Низоми мониторинг ва арзёбӣ……………………………………………….. 39**

**Тақсимот аз рӯи соҳаҳо ба ҳисоби маблағгузории**
**“Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2016-2020”............... 40-48**

## Биниши ноҳияи Ғончӣ (Тассаввуроти ояндаи ноҳияи Ғончӣ)

**Ноҳияи Ғончӣ-аз ҷиҳати экологӣ тоза, маркази фарҳангиву таърихӣ буда, соҳаҳои саноат ва махсусан сохаи комплекси агросаноатӣ бо назардошти техналогияхои замонавӣ ва истифодаи самараноки захираҳо табиии ва моддӣ рушдёфта буда, дорои фазои мӯътадилу мусоид барои рушди соҳибкорӣ мебошад, ки боиси баланд шудани дараҷаи некӯаҳволии иҷтимоӣ аҳолӣ ва инфрасохторӣ буда, барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ва фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои зиндагии бехатар арзёбӣ мешавад.**

# П Е Ш Г У Ф Т О Р

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2016-2020 (минбаъд-Барномаи рушд) дар асоси “Дастурамали методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии рушди шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” (ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо тасдиқ гардидааст) бо назардошти сиёсати давлат ва ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ тарҳрезӣ шудааст.

Ҳадафи асосии Барнома ин пеш аз ҳама мусоидат намудан ба рушди устувори соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва иҷтимоиёт, зиёд намудани қисми даромади буҷети маҳаллӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии мардум ва дар ин замина зиёд намудани теъдоди табақаи миёнаи аҳолӣ мебошад.

Барномаи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ самтҳои афзалиятнок ва сиёсати оянадаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳиро барои давраи миёнамуҳлат муайян менамояд, ки ин барои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, дастрасии осони аҳолӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ нигаронида шудааст.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда дар соҳаҳои асосии иқтисодиёти ноҳия чораҳои мушаххас пешбинӣ гардида, ҷалби сармояи дохилию ҳориҷӣ дар назар дошта шудааст. Дар амал татбиқ намудани чорбиниҳои гузошташуда тӯли солҳои 2016-2020 имкон медиҳад, ки соҳаҳои воқеии иқтисодиёти ноҳия рушд ёфта, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ зиёд гардад.

Ба Барномаи мазкур 68 лоиҳа бо маблағи 192,6 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 27 лоиҳа бо маблағи 89,4 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 21 лоиҳа бо маблағи 37,1 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 12 лоиҳа бо маблағи 57,9 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 5 лоиҳа бо маблағи 1,2 млн. сомонӣ ба бахши ҳолатҳои фавқулодда ва 3 лоиҳа ба маблағи 6,9 млн. сомонӣ ба таъминоти захиравӣ рост меояд.

***Тақсимоти***
***маблағҳои “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2016-2020” аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ (ҳаз. сомонӣ)***

| **Тақсимоти маблағҳои “Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2016-2020” аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ (ҳаз. сомонӣ)** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Соҳаҳо** | **Ҳамагӣ** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** |
| Кишоварзӣ | *82725,9* | *12260,4* | *12210,4* | *22274,0* | *12274,0* | *23707,2* |
| *Саноат ва соҳибкории хурду миёна* | *6740,0* | *100,0* | *2160,0* | *2460,0* | *1610,0* | *410,0* |
| ***Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ*** | ***89465,95*** | ***12360,4*** | ***14370,4*** | ***24734,0*** | ***13884,0*** | ***24117,2*** |
| *Маориф* | *26882,4* | *1600,0* | *4120,6* | *7820,6* | *7220,6* | *6120,6* |
| *Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ* | *7200,0* | *2000,0* | *2200,0* | *2300,0* | *350,0* | *350,0* |
| *Фарҳанг, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ* | *3074,0* | *0,0* | *526,0* | *1555,0* | *521,0* | *472,0* |
| ***Ҳамагӣ, блоки ҳифзи иҷтимоӣ*** | ***37156,400*** | ***3600,0*** | ***6846,6*** | ***11675,6*** | ***8091,6*** | ***6942,6*** |
| *Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хизматрасонии манзилию рифоҳӣ* | *11936,4* | *0,0* | *200,0* | *1000,0* | *6000,0* | *4736,4* |
| Барқтаъминкунӣ | *14800,0* | *0,0* | *3200,0* | *3700,0* | *3700,0* | *4200,0* |
| Нақлиёт ва хоҷагии роҳҳо | *31160,0* | *160,0* | *6100,0* | *6100,0* | *8800,0* | *10000,0* |
| ***Ҳамагӣ, инфрасохтор*** | ***57896,40*** | ***160,0*** | ***9500,0*** | ***10800,0*** | ***18500,0*** | ***18936,4*** |
| ***Ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании*** | *1250,2* | *480,1* | *450,1* | *120,0* | *100,0* | *100,0* |
| ***Ҳамагӣ, ҳолатҳои фавқулода*** | *1250,2* | *480,1* | *450,1* | *120,0* | *100,0* | *100,0* |
| ***Таъминоти захиравӣ*** | *6900,0* | *880,0* | *880,0* | *880,0* | *1880,0* | *2380,0* |
| ***Ҳамагӣ, арзиши БРН*** | ***192668,9*** | ***17480,5*** | ***32047,1*** | ***48209,6*** | ***42455,6*** | ***52476,2*** |
| *Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ* | *12782,40* | *1100,0* | *2920,6* | *2920,6* | *2920,6* | *2920,6* |
| *Буҷети вилоятӣ* | *28458,0* | *1500,0* | *9250,0* | *12709,0* | *2920,0* | *2079,0* |
| *Буҷети маҳаллӣ* | *661,0* | - | *80,0* | *180,0* | *225,0* | *176,0* |
| *Маблағҳои худӣ* | *19544,0* | *1854,0* | *4600,0* | *4390,0* | *4450,0* | *4250,0* |
| *Сармояи дохилию хориҷӣ* | *131223,5* | *13026,5* | *15196,5* | *28010,0* | *31940,0* | *43050,6* |

## Боби 1. *Ҳолати умумӣ ва таҳлилии вазъи воқеии ноҳияи Ғончӣ.*

*1.1.Маълумоти умумӣ.* Ноҳияи Ғончӣ дар қисми ҷануби ғарбии вилояти Суғд ҷойгир буда, аз шимол бо ноҳияи Спитамен (45 км), аз ҷониби ҷанубу ғарб бо ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, Айнӣ, Шаҳристон, аз тарафи ғарб бо ноҳияи Истаравшан (12 км), аз тарафи шарқ бо вилояти Боткенти Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамсарҳад мебошад.

Иқлими ноҳия мӯътадил буда, ҳарорати миёнаи июл то +20+30 ва дар кӯҳҳо ба +12 +15 дараҷа гармӣ мерасад. Моҳи январ бошад аз 2 то 4 дараҷа, дар кӯҳҳо то 12-15 дараҷа хунук мешавад. Боришоти солона дар пастиҳо 200-300 мм буда, дар кӯҳҳо он 700мм- ро ташкил медиҳад.

*1.2.Вазъи демографӣ.* Ба ҳолати 31 декабри соли 2014 аҳолии ноҳияи Ғончӣ 155,5 ҳазор нафарро ташкил дод, ки ин 6,3 фоизи аҳолии вилояти Суғд мебошад ( аз ин 87,6 фоиз тоҷикон, 12,3 ӯзбекҳо ва 0,1 фоиз дигар миллатҳо). Аз шумораи умумии аҳолӣ 51,5 фоиз мард ва 48,5 фоизро зан мебошад. Дар ноҳия 92,9 фоизи аҳолӣ дар деҳот ва 7,1 фоизи он дар шаҳрак истиқомат мекунад. Қисми зиёди аҳолӣ дар ҷамоатҳои Ваҳдат, Муҷун, Далёни Боло ва Ғазантарак истиқомат дорад. Дар давоми понздаҳ соли охир аҳолии ноҳия 32 фоиз ё 36,8 ҳазор нафар афзудааст.

Дар ноҳия аҳолии қобили меҳнат 60,3 фоизи шумораи умумии аҳолиро ташкил медиҳад, ки аз ин 56,2 фоизаш аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол мебошад. Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 35,0 фоиз дар муҳоҷирати меҳнатӣ ва 30,0 фоиз бекоронро ташкил медиҳад. Аз шумораи аҳолии ба кор машғулбуда 73,4 фоиз дар соҳаи истеҳсолоти неъматҳои модд (аз ҷумла дар соҳаи кишоварзӣ 70,2%-и аҳолӣ ба кор машғулбуда) ва 26,6 фоиз дар соҳаҳои ғайримоддӣ (дар соҳаи маориф 16,7%, тандурустӣ, варзиш ва таъминоти иҷтимоӣ 6,2%) шуғл доранд.

**Қиёси синну солии аҳолии ноҳияи Ғончӣ (ҳазор нафар)**

| **Нишондиҳандҳо** | **Шумораи умумӣ** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** |
| **Аҳолӣ** | 144,6 | 142,8 | 149,0 | 151,8 | 155,6 |
| **Кӯдакони то синни 14 сола** | 51,4 | 50,4 | 50,1 | 50,9 | 51,4 |
| **Гурӯҳи миёнасолон (15-62 (57 барои занон) сола)** | 85,1 | 84,5 | 88,9 | 90,7 | 93,8 |
| **Гурӯҳи калонсолон (63 (58 сола) ва боло)** | 8,1 | 7,8 | 9,9 | 101,8 | 10,4 |
| **Аҳолии қобили меҳнат** | 78,2 | 81,5 | 84,9 | 88,4 | 93,8 |
| **Аҳолии ба кор машғулбуда дар ташкилоту корхонаҳо** | 29,7 | 25,3 | 26,1 | 23,2 | 22,0 |

Дар ноҳия афзоиши табии аҳолӣ зиёд буда, суръати афзоиши миёнаи солона 2,4 фоизро ташкил медиҳад. Дар сураъати афзоиши миёнаи аҳолӣ 2,4 фоиз будан, ҳамасола шумораи аҳолии ноҳия ба ҳисоби миёна 3,7 ҳазор нафар (дар маҷмӯъ панҷсоли оянда 18,5 ҳазор нафар) ва аҳолии қобили меҳнат 4,0 ҳазор нафар (панҷсоли оянда 20 ҳазор нафар) зиёд гардида, соли 2020 мутаносибан шумораи умумии аҳолии ноҳия ба 174,6 ҳазор нафар ва аҳолии қобили меҳнат ба 113,8 ҳазор нафар мерасад.

Бо мақсади ба кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ дар доираи Барномаи рушд таъсиси ҷойҳои навӣ корӣ аз ҳисоби ба фаъолият даровардани иқтидорҳои мавҷуда, аз ҷумла ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида, бунёди боғу токзорҳои нав, бунёди шаҳраки Баҳористон ва бунёди корхонаҳои нав аз ҳисоби соҳибкорон дар назар аст.

| Таҳлили ҳолати вокеии ноҳияи Ғончӣ (SWOT) Омилҳои дохилӣ | **Тарафҳои қавӣ** | **Тарафҳои заиф** |
|---|---|---|
| | **✓ Мавҷуд будани захираҳои меҳнатӣ ва мутахассисони баландихтисос;**<br>**✓ Мавҷуд будани шароити мусоид барои рушди соҳибкории хурду миёна (бонкҳо ва ташкилотҳои карздиҳандаи хурд);**<br>**✓ Дастрас будани инфрасохтори аввалиндарача;**<br>***✓ Мавҷуд будани заминҳои боир ва дигар заминҳои назди кӯҳӣ***<br>**✓ Мавҷуд будани захираҳои табиӣ (санги мармар, маводҳои сохтмонӣ, оҳаксанг, қуму шағал, фосфорит);**<br>**✓ Шароити хуби иқлимӣ барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ;**<br>**✓ Мавҷуд будани корхонаҳои саноатӣ;** | ***✓ Набудани маблаг барои ташкили коркарди захираҳои табиӣ, бунёди корхонаҳои коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ, таъмири системаи обёрӣ***<br>**✓ Нокифоягии ҷойҳои кори доимӣ ва паст будани музди меҳнат;**<br>**✓ Аз ҳудуди ноҳия берун рафтани кадрҳои баландихтисос;**<br>**✓ Бо иқтидори пурра фаъолият накардани корхонаҳои саноатӣ ва кӯҳнаю фарсуда гардидани таҷҳизоту техникаҳои онҳо;**<br>**✓ Корношоям будани таҷҳизоту техникаҳо дар хоҷагиҳои кишоварзӣ;**<br>**✓ Пурра коркард нашудани ашёи хоми маҳаллӣ;**<br>**✓ Фарсуда ва корношоям шудани пойгоҳҳои обкашӣ ва дастрас набудани оби полезӣ;**<br>**✓ Дастрасии пурра надоштан ба оби тозаи нӯшокӣ;**<br>**✓ Набудани инфросохтори муосир;**<br>**✓ Баланд будани фоизи қарзи бонкӣ;** |

| Омилҳои беруна | Имкониятҳо | Хатарҳо |
|---|---|---|
| | ✓ Мавҷуд будани барномаҳои соҳавӣ дар сатҳи миллӣ;<br>✓ Таъсис додани бозори наздисарҳадӣ;<br>✓ Барқарорсозии обанбори Даҳанасой ва овардани оби Даҳкатсой ба обанбори Даҳанасой;<br>✓ Бунёди шаҳраки Баҳористон; | ✓ Ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ (сел, ҷола, обхезӣ, заминларза, боронгарии зиёд ва яку якбора сардшавии ҳаво);<br>✓ Обхезии дарёи Басмандасой ва шусташавии заминҳои назди соҳил;<br>✓ Паҳн шудани ҳашаротҳои зарраррасон ва дигар касалиҳо;<br>✓ Бӯҳрони молиявию иқтисодӣ;<br>✓ Боло рафтани сатҳи таваррум ва беқурбшавии асъор;<br>✓ Низоъҳои наздисарҳадӣ;<br>✓ Низомҳои гуногуни маҳдудкунанда (санксияҳо) аз ҷониби кишварҳои ҳамсоя.<br>✓ Паст гардидани нархҳои маҳсулотҳои кишоварзӣ |

# БОБИ 2. БАХШИ ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1. Соҳаи кишоварзӣ

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои афзиялитноки хоҷагии халқ маҳсуб ёфта, нақши он дар рушди иқтисодиёти ноҳия ва таъмини амнияти озуқаворӣ баланд арзёбӣ мегардад.

Ноҳия барои истеҳсоли маҳсулотҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ (ғалладонагиҳо, сабзавот, картошка, полезӣ, хӯроки чорво, мева, пилла, шир, гӯшт, пашм, пӯст ва асал) махсус гардонида шудааст. Зиёда аз 90 фоизи аҳолии қобили меҳнатӣ дар деҳот зиндагонӣ дошта, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд. Аҳолии ноҳия қисми зиёди даромади худро аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти сабзавот, полезӣ, картошка, пиёз ва мева ба даст меоранд.

Истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия корхонаҳо, хоҷагиҳои хонагӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мебошанд. Вазни қиёси аз ҳама зиёдро дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ кооперативҳои истеҳсолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои хонагӣ дар истеҳсоли картошка, мева, шир, гӯшт, тухм, пила ва пашм ташкил медиҳад.

Баъд аз гузаштан ба шакли нави хоҷагидорӣ дар ноҳия 595 хоҷагии деҳқонии оилавию инфиродӣ ва 30 кооперативи истеҳсолӣ таъсис дода шуд, ки дар онҳо 61060 нафар саҳмдорон машғули кор мебошанд.

Соли 2014 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ноҳия дар миқёси вилоят 6,7 фоиз ва аз рӯи намуди маҳсулот бошад, *аз ҷумла ғалладонагӣ – 9,2%, полезиҳо – 2,9%, сабзавот – 5,4%, картошка –30,0%, меваҷот –5,9%, ангур – 2,9%, шир – 4,5%, гӯшт – 5,7%, тухм –0,5%, асал – 1,2%, пилла – 1,4% ва пашм – 10,4%-ро ташкил дод.*

***Ҳадафи асосии соҳа дар панҷ соли оянда - ин беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва аз худ намудани заминҳои бекорхобида мебошад***.

***<u>Дастрасӣ ба техникаи кишоварзӣ.</u>*** Таъмин будан бо техникаи муосир дар рушди соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим мебошад. Ба ҳолати 01.01.15 аз 239 адад техникаву таҷҳизоти дар тавозуни хоҷагиҳои кишоварзӣ мавҷуда 42,7 фоизаш коршоям (102 адад) ва 57,3 фоизаш (137 адад) дар ҳолати корношоям қарор доранд. Аз шумораи умумии техника ва таҷҳизот 10,0 фоиз трактори шудгоркунанда (24 адад), 5,0 фоиз комбайн (12 адад) мебошанд. Ба ғайр аз ин дар тавозуни хоҷагиҳои деҳқонӣ 42 адад ядаки тракторӣ мавҷуд мебошад.

Барои таъмир ва барқарорсозии техникаю таҷҳизоти мавҷуда маблағи зиёд лозим аст ва таъмири онҳо аз ҳисоби хоҷагиҳо аз имкон берун аст. Сабаби паст шудани даромаднокии хоҷагиҳо нарасидани техника мебошад. Таи 20 соли охир дар ноҳия ҳамагӣ 35 адад трактори чархдор ворид шудааст, ки ба ҳар як трактори воридшуда 861 гектар замини корам, 57 гектар майдони боғ ва 22,2 гектар майдони ток рост меояд. Омили дигаре, ки ба пешрафти истеҳсоли кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад, ин маълумоти кифоя надоштани сарварони хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошад.

Дар мустаҳкам намудани баъзаи моддӣ – техникии соҳаи кишоварзӣ нақши аҳолӣ баланд арзёбӣ гардида, шумораи техникаҳои дар тавозуни аҳолӣ буда 375 ададро ташкил медиҳад.

**Шумораи техникаҳои дар тавозуни аҳолибуда**
**(ба 01.01.15)**

| № | Номгӯи техника | Шумора | Омода | % - омодагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тракторҳо | 71 | 31 | 41,3 |
| 2 | Автомобили боркаш | 43 | 10 | 23,3 |
| 3 | Комбайнҳои ғалладарав | 12 | 3 | 25,0 |
| 4 | Ядакҳои тракторӣ | 42 | 19 | 45,2 |
| 5 | Достҳои тракторӣ | 14 | 6 | 42,9 |
| 6 | Алафҷамъкунакҳои тракторӣ | 12 | 8 | 66,7 |
| 7 | Тойбанду тагрезчинҳо | 5 | 4 | 80,0 |
| 8 | Тухмипошакҳои тракторӣ | 12 | 6 | 50,0 |
| 9 | Пулугҳои тракторӣ | 26 | 15 | 57,7 |
| 10 | Култиваторҳо | 2 | - | - |
| | **Ҳамагӣ :** | **239** | **102** | **42,7** |

Роҳи мустаҳкам намудани баъзаи моддию техникии соҳа ин васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои лизингӣ мебошад. Вале ҳоҷагиҳои ноҳия аз хизматрасонии лизингӣ пурра дастрасӣ надоранд.

*Мушкилиҳое, ки ба он истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бештар рӯ ба рӯ мешаванд, аз ин иборат аст:*

- суст будани баъзаи моддию техникӣ ва набудани паркҳои техникӣ ҷиҳати таъмири онҳо;
- норасогии қисмҳои эҳтиётӣ ва равғанҳои молиданию сӯзишворӣ;

- аз мӯҳлати муқарраргардида бештар истифода гардидани техника ва таҷҳизотҳои мавҷуда (пурра ва барзиёд истифода бурдани мӯҳлати амартизатсионии онҳо);
- набудани ташкилотҳои лизингӣ;
- ба таври кофӣ таъмин набудан бо техника ва таҷҳизотҳои муосир.

***Истифодабарии заминҳо***. Ҳамагӣ заминҳои корам дар н. Ғончӣ 36448 га буда (31,0 фоиз масоҳати фонди умумии заминҳои кишоварзӣ) аз он обӣ 32,3 фоизро ташкил медиҳад. Заминҳои обӣ асосан барои кишти картошка, сабзавот, полезиҳо ва мевагиҳо истифода бурда мешаванд. Соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳияи Ғончиро сабзавоткорӣ, картошкапарварӣ, ғаллакорӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ ташкил медиҳанд.

*Сохтори заминҳои кишоварзӣ*




Майдони умумии заминҳои ноҳия 158870 гектарро ташкил медиҳад, ки аз ин 118580 га ё 74,6 фоиз замини дар истифодаи хоҷагиҳои кишоварзӣ (бо назардошти чарогоҳ), 6076 (3,8 фоиз) гектар ҳамчун заминҳои наздиҳавлигӣ ва 8681 гектар (5,4 фоиз) хоҷагиҳои ёрирасон ва 16,2 фоизи боқимонда дигар заминҳо мебошанд.

Соли 2014 аз заминҳои корам бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 41576 гектар кишти зироатҳо гузаронида шуда, аз он ғалладонагиҳо 30833 гектар, сабзавот 653 гектар, картошка 3270 гектар, полезиҳо 168 га, зироатҳои хӯроки чорво 5380 га ва 1272 гектарро дигар зироатҳо ташкил дод. Соли 2014 дар қиёс ба соли 2013 аз сабаби бадъ шудани ҳолати мелиративии заминҳо майдони кишти зироатҳо 1,4 фоиз кам шудааст.

*Майдони кишт, ҳосилнокӣ ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ноҳияи Ғончӣ*

| Намуди маҳсулотҳои кишоварзӣ | 2012 | | | 2013 | | | 2014 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Майдони кишт (га) | Ҳосилноки (с/га) | миқдор (тн) | Майдони кишт (га) | Ҳосилноки (с/га) | миқдор (тн) | Майдони кишт (га) | Ҳосилноки (с/га) | миқдор (тн) |
| Ғалладонагӣ | 27914 | 98,9 | 27599 | 31155 | 106,7 | 33265 | 30833 | 68,8 | 21240 |
| Сабзавот | 869 | 248,2 | 20935 | 884 | 238,3 | 22453 | 653 | 314,2 | 20517 |
| Картошка | 4261 | 265,2 | 113011 | 4275 | 284,3 | 121582 | 3270 | 287,7 | 91136 |
| Меваҷот | 1146,2 | 437,1 | 5010 | 1206,4 | 417,6 | 5038 | 1212 | 564,7 | 6844 |
| Ангурпарварӣ | 637,5 | 227,1 | 1448 | 585,4 | 250 | 1464 | 593,3 | 284,8 | 1690 |
| Полезӣ | 230 | 60,0 | 1380 | 116 | 140,2 | 1659 | 168 | 191,3 | 3214 |

Дар ноҳия имконияти зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои лалъмӣ (21200 га) ва боир (партов 613 га) мавҷуд аст. Истифодаи самаранокӣ заминҳои бекорхобида ба афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ва таъсиси ҷойи навӣ корӣ мусоидат мекунад.

**Маҳсулоти кишоварзӣ ва даромади он.** Соли 2014 хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 379,0 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки аз ин 298,6 млн. сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ (78,8%) ва 80,9 млн. сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ (21,2%) рост омад. Соли 2014 ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъияти дар истеҳсоли картошка 47,3 фоиз, аҳолӣ 30,7 фоиз ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 22,0 фоиз ташкил дод. Ҳиссаи хоҷагиҳои хонагӣ дар истеҳсоли сабзавот, полезӣ, мева, ангур, хӯроки чорво, гӯшт, шир ва тухум хело зиёд аст. Аз рӯи маълумоти расмӣ ба 01.01. 2013 ба як нафар 137 кг ғалладонагӣ, 132 кг сабзавот, 59 кг картошка ва 44 кг мева рост омад.

Дар ноҳия истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ аз шароити иқлимӣ, бахусус боришот вобастагии калон дорад ва соле, ки боришот зиёд аст ҳосили фаровон гирифта мешавад. Дар майдони умумии кишти зироатҳои кишоварзӣ 74 фоизро кишти ғалладонагиҳо ишғол намуда, аз ин 73,0 фоизи кишт дар заминҳои лалмӣ гузаронида мешавад.

Дар ноҳия ҳолати ба парвариши картошка, сабзавот, полезӣ ва мева тахасус гардонидан метавонад бозори дохилиро ба ин маҳсулотҳо пурра таъмин намояд. Ҳоло зиёда аз 30 фоизи картошкаи дар вилоят истеҳсолшуда ба хоҷагиҳои ноҳия мансуб аст. Дар маҷмӯи умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ноҳия бештар аз 47 фоизро истеҳсоли картошка ташкил медиҳад. Инчунин, ноҳия барои парвариши тухмӣ имконияти васеъ дорад.

Дар ҳолати зиёд намудани хоҷагиҳои махсуси тухмипарварӣ, ноҳия метавонад тамоми ҷумҳуриро бо тухмии аълосифат таъмин намояд. Солҳои охир хоҷагиҳои картошкапарварӣ водии Рашт, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон аз тухмии картошкаи истеҳсолшудаи ноҳияи Ғончӣ (навъҳои «Пикассо» ва «Кардинал») истифода мебаранд.

Мушкилии хоҷагиҳои ба парвариши картошка машғулбуда, ин норасоии оби ирригатсионӣ дар мавсими обёрӣ, гаронбаҳо гардидани нархҳои нуриҳои минералӣ ва заҳрхимикатҳо, паҳн гаштани ҳашаротҳои зараровар (симкирмакҳо, ҳалқа кирмҳо, кирми шапараки тирамоҳӣ, гамбусаки колорадӣ) ва касалиҳои сироятӣ (аз ҷумла фитофтороз, макроспориоз, ризоктониоз, парша, ва столбур) мебошад. Дар мавриди ҳал намудани мушкилоти номрасшуда имконияти ҳосили баланд гирифтани картошка то 350-400 сентнер мавҷуд аст.

Дар баробари парвариши картошкаю ғалла барои ноҳия сабзавот, полезӣ ва боғдорӣ низ соҳаҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад.

***Сабзавоткорӣ.*** Дар ноҳия парвариши сабзавот ва полезӣ барои таъмини бозори дохилӣ ба роҳ монда шудааст. Ба парвариши сабзавот ва полезӣ хоҷагиҳои хонагӣ, деҳқонӣ ва ҷамъиятӣ шуғл доранд, ки ҳиссаи онҳо дар парвариши ин маҳсулотҳо мутаносибан 49,3 фоиз, 22.4 фоиз, 28,3 фоиз ва 60,0 фоиз, 28.0 фоиз ва 22,0 фоизро ташкил медиҳад. Дар назар аст, ки парвариши сабзавот ва полезӣ тайи солҳои минбаъда аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекор, обёришаванда ва иригатсионӣ 30-35 фоиз зиёд карда мешавад. Дар ҳолати 30 фоиз васеъ намудани майдони кишти сабзавот истеҳсоли он ба 21,2 ҳазор тонна ва 3,3 ҳазор тонна расонида мешавад (дар ҳолати 315 сентнер ва 192 сентнер аз 1 га)

Хоҷагиҳои ноҳия ба парвариш сабзӣ, пиёз, помидор, бодиринг, қаламфур, карам, картошка, тарбуз, харбуза ва каду шуғл доранд, ки ин намуди маҳсулотҳо сарчашмаи асосии даромад онҳо мебошад.

Барои дар оянда бозори дохилиро ба маҳсулоти тару тоза дар тамоми мавсим таъмин намудан, бунёди гармхонаҳои махсус ба мақсад мувофиқ аст, зеро иқлими ноҳия барои парвариши сабзавот мувофиқ аст. Ҳоло дар ноҳия ду гармхонаҳои парвариши маҳсулоти кишоварзӣ мавҷуд мебошад ва бо сабаби дар бозорҳои берунӣ ва дохилӣ ба маҳсулоти тозаи экологӣ талабот калон будан бо дастгирии ташкилотҳои кӯмакрасон дар ҷамоатҳои деҳоти Ваҳдат ва Исмоили Сомонӣ ташкил намудани гармхонаҳо дар назар аст.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти худӣ ва пешгирӣ намудани нарх дар бозор сол аз сол болоравии истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ аз ҳисоби васеъ намудани майдони кишт тавассути обёрӣ намудани заминҳои бекорхобида пешбинӣ шудааст.

*Богу токпарварӣ.* Боғдорӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва даромаднокии ноҳия аст. Ин соҳа хусусияти стратегӣ низ дорад, зеро дар афзун гардонидани бозори дохилӣ ва берунӣ бо меваи тару тоза нақши

муҳим бозида, манбаи содиротӣ ва ба кори доимӣ таъмин намудани аҳолии ноҳия мебошад.

Иқлими ноҳия имконият медиҳад, ки майдони боғотро аз ҳисоби ниҳолҳои серҳосил васеъ намуда, талаботи бозори дохилӣ ва берунӣ пурра бо меваи тару тоза таъмин шавад. Ҳоло дар қисмати ҷанубии кӯҳсории ноҳия (ҷамоатҳои Ваҳдат, Исмоили Сомонӣ, Росровут, Далёни Боло ва Муҷун) парвариши дарахтони мевадиҳанда (нок ва себ) ва дар шимолӣ ноҳия (ҷамоатҳои деҳоти Ғазантарак, Яхтан ва Шаҳрак) парвариши меваҳои донакдор ва ток ба роҳ монда шудааст.

Дар давоми се соли охир истеҳсоли мева ва ангур мутаносибан 6 ва 2,7 маротиба зиёд шудааст, ки ин аз ҳисоби ба ҳосил даромадани боғу токзорҳои нав мебошад.

Соли 2014 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо 105,6 га боғи нав бунёд карда шуд, ки аз ин 97,7 га боғ ва 9,7 га токзор мебошад. Аз майдони умумии боғҳо 74,8 га меваҳои тухмидор, 17,6 га меваи донакдор, 2,7 га чормағз ва 2,6 га меваҳои субтропикӣ мебошанд. Дар ҳолати ба ҳосил даромадани онҳо истеҳсоли мева 597 тонна афзоиш ёфта (дар ҳолати 565 сентинер аз як га), бештар аз 140 ҷойи кори нав таъсис меёбад.

*Бунёди богу ток дар солҳои 2008-2014 (га)*

| Номгуй | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
| Бунёди боғи нав | 110,7 | 60,2 | 130 | 139,7 | 132,2 | 138,6 | 97,7 |
| Бунёди токзорӣ нав | 34,2 | 34 | 2,5 | 7,4 | 7,5 | 10,2 | 7,9 |
| Барқароркунии боғот | 14,2 | 16,2 | 33,8 | 28,2 | 30,6 | 31,1 | 14,4 |
| Барқароркунии токзор | 3,8 | 4 | 19,5 | 16,5 | 8,6 | 19,5 | 7 |

Солҳои охир истифода набурдани заҳрхимикатҳо ва нагузаронидани дигар чорабиниҳои агротехникӣ ба муқобили ҳамагуна ҳашаротҳои зараррасон боиси нест шудани боғу токзорҳо дар ноҳия гардида, ба паст шудани ҳосилнокӣ оварда расонидааст. Аз нарасидани оби полезӣ ҳосилнокии токзор хеле паст гардида, қисми майдони токзорҳо хушк гардиданд (80 га).

Дуруст ба роҳ мондани муҳофизати боғот аз касалиҳо ва ҳашаротҳои зараррасон метавонад дар баланд шудани ҳосилнокӣ ва зиёд шудани истеҳсоли меваҷот кӯмак расонад.

Дар оянда бунёди анборҳои махсус барои нигоҳ доштани мева дар назар аст, ки ин метавонад ҳосили ба дастовардаи меваро дар мавсими ҷаъоварӣ тару тоза ва солим нигоҳ дорад.

**Системаи обёрии заминҳои кишоварзӣ.** Обёрӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо яке аз мушкилиҳои асосии ҷойдоштаи соҳаи кишоварзии ноҳия мебошад. Ҳалли мушкилиҳои мазкур метавонад ба болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ мусоидат намояд. Бо оби полезӣ таъмин намудани заминҳои кишоварзии ноҳия тавассути Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии «Чашмасор»-и ноҳияи Ғончӣ (22,0 %) ва Идораи беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Истаравшан (39,0%) ба роҳ монда шуда, аз манбаи оби Басмандасой ва обанбори Каттасой, ки ба ташкилоти обтаъминкунии ноҳияи Истаравшан мансуб мебошанд, истифода карда мешавад.

Дар мавсими захиракунии об Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии «Чашмасор»-и ноҳияи Ғончӣ ҳамагӣ 400 л./с аз Басмандасой об мегирад. Аз ин сабаб хоҷагии обтаъминкунии ноҳия Обанбори Даҳанасой, ки хочагиҳои ноҳияи Ғончиро бо об таъмин мекунад, обро бо таври зарурӣ захира карда наметавонанд (38,0 фоиз) ва барои захира намудани обанбори Даҳанасой 21 млн. куб об лозим мебошад (иқтидори обанбори Даҳанасой 42 млн куб). Дар ҳолати ба иқтидори пурра захира намудани обанбори «Даҳанасой» зиёда аз 11 ҳазор га замини лалмии минтақаи шимолии ноҳияи Ғончӣ имконияти бо оби полезӣ таъмин карданро дорад. Манъбаҳои оби ноҳия танҳо барои обёрии 9000 га замини кишоварзӣ кофӣ мебошад (9 м³/сония) ва боқимонда 7454 га замини бошад бо оби полезӣ таъмин нест. Иншоотҳои обтаъмикунӣ солҳои тӯлони тоза карда нашудаанд (5 иншооти обтаъмикунӣ) ва ин сабаби аз гардиши кишоварзӣ берун мондани заминҳои обӣ гардидааст.

***Ҳолати мелиоративии заминҳои объёришаванда(га)***




Сол аз сол боло рафтани нархи об ба хоҷагиҳои кишварзӣ ноҳия таъсир мерасонад, зеро қисми бештари заминҳо тавассути насосҳо обёрӣ карда мешаванд ва онҳо қобилияти пардохти ҳаққи хизматрасонии оборо надоранд. Бинобар ин, дар мавсими обдиҳии зироатҳо Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии «Чашмасор»-и ноҳияи Ғончӣ интиқоли додани обро қатъ мекунад ва ин сабаби кишт нашудани заминҳои обӣ мегардад. Қарзнокии хоҷагиҳо дар назди Идораи мазкур 359,9 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Барои бартараф намудани мушкилии ҷойдошта зарур аст, ки арзиши нархи оби худҷоришаванда нисбати нархи оби бо пойгоҳҳои обкашӣ таъминшаванда паст карда шавад, зеро арзиши оби худҷоришаванда ва оби бо пойгоҳҳои обкашии таъминшаванда як хел буда, ба 100 л/с дар як шабонарӯз 129,6 сомонӣ баробар аст.

Ҳадафи асоси дар доираи Барномаи мазкур то соли 2020 ин равон намудани як қисми оби Даҳкатсой ба обанбори Даҳанасой мебошад. Дар ҳолати татбиқи лоиҳаи номбаршуда 5858 га замини кишоварзӣ ва 800 га азхудкунии заминҳои нав бо роҳи равон намудани як қисми оби Даҳкатсой ба обанбори Даҳанасой ба гардиши кишоварзӣ ворид мешавад (арзиши пешакии лоиҳа 64,4 млн. сомонӣ) ва дар натиҷа зиёда аз 800,0 ҳазор тонна маҳсулотҳои ғалладонагӣ, сабзавот, картошка, мева ва полезӣ иловагӣ гирифта мешавад (аз рӯи ҳосилнокии соли сипаришуда). Инчунин, бо татбиқшавии лоиҳа зиёда аз 74,0 ҳазор аҳолии се Ҷамоат ва 200 хоҷагии деҳқонӣ бо оби полезӣ таъмин мегардад.

**Чорводорӣ.** Чорводорӣ дар баробари дигар соҳаҳо яке аз бахшҳои асосии кишоварзии ноҳия буда, вазни қиёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия 21,2 фоизро ташкил медиҳад.

**Истеҳсоли маҳсулоти чорвопарварӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо мувофиқи ноҳия**

| ***Номгӯи маҳсулотҳо*** | ***Воҳиди ченак*** | ***2010*** | ***2011*** | ***2012*** | ***2013*** | ***2014*** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшт | тонна | 1008 | 1041 | 1048 | 1053 | 2511 |
| Шир | тонна | 9893 | 10217 | 10234 | 10245 | 10290 |
| Пашм | тонна | 105 | 121 | 125 | 128 | 136 |
| Пилла | тонна | 7 | 11 | 12 | 9 | 9 |
| Асал | тонна | 46 | 16 | 16 | 16 | 16 |
| Тухм | ҳаз.дона | 283 | 322 | 324 | 334 | 552 |

Аз маҳсулоти истеҳсолшуда 97,0 фоиз ба хоҷагиҳои хонагӣ, 2,0 фоиз ба хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва 1,0 фоизаш ба хоҷагиҳои фермерӣ рост меояд.

Ноҳия 5,8 фоизи гӯшт, 4,5 фоизи шир, 0,4 фоизи тухум, 10,4 фоизи пашм, 1,4 фоизи пилла ва 1,3 фоизи асали вилоятро истеҳсол мекунад.

**Саршумори чорво ва парранда дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо**

| *Номгӯй* | *Воҳиди ченак* | *2010* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Чорвои калон | сар | 52206 | 52697 | 52265 | 63384 | 63436 |
| аз он ҷумла модагов | сар | 28054 | 28356 | 28363 | 30795 | 31965 |
| Гӯсфанду буз | сар | 102341 | 104697 | 103919 | 122070 | 124286 |
| Парранда | сар | 47687 | 47974 | 47807 | 52122 | 58864 |
| Асп | сар | 844 | 818 | 862 | 1076 | 1090 |

Аз саршумори умумӣ 93,3 фоиз чорвои калон, 86,8 фоиз гӯсфанду буз, 92,2 фоиз парранда, 73,0 фоиз асп ба хоҷагиҳои аҳолӣ ва боқимонда ба хоҷагиҳои ҷамъиятию деҳқонӣ (мутаносибан 4,5%, 10,0%, 6,9%, 22,0 %; 2,2%, 3,2%, 0,9% ва 5,0 %).

Ҳамасола дар ноҳия саршумори модагов ба ҳисоби миёна 1450 сар зиёд мешавад ва ҳангоми чунин афзоиш саршумори модагов дар соли 2020 ба 39215 сар мерасад. Дар ҳолати аз ҳар сар модагов гирифтани 33 кг шир дар як рӯз, истеҳсоли шир дар хоҷагиҳои ноҳия дар соли 2020 ба 22335 тонна мерасад.

Дар хоҷагиҳои чорводории ноҳия ҳамасола чорвои зиёди калони шохдор ва майда забҳ карда мешавад ва аз сабаби набудани нуқтаҳои қабули пӯст ва пашм қисми зиёди онҳо ба партовгоҳҳо партофта мешаванд. Инчунин, набудани нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ низ яке аз мушкилии хоҷагиҳои чорвопарвар аст ва аз ин сабаб бештари чорво бо роҳи бордоркунии табиӣ афзоиш меёбад.

Дар ноҳия солҳои охир ба парвариши асп низ диққати ҷиддӣ дода шуда, зеро шароити ноҳия барои рушди ин соҳаҳо хароҷоти зиёдро талаб намекунад.

Ташкил намудани коргоҳҳои хурду миёна барои коркарди гӯшт, шир, пашм ва коркарди гӯшту шири асп яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳа маҳсуб ёфта, метавонад дар ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани дараҷаи даромаднокии хоҷагиҳо заминаи устувор гузорад.

**Байторӣ.** Дар шароити имрӯза рушди соҳаи чорводориро бе пешниҳоди хизматрасонии босифати байторӣ (бахусус ҳангоми пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда) тасаввур намудан ғайриимкон аст.

Дар ноҳия ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои қарасон (эмкор), хорӣ (бешенство), яшур, сибирская язва, кирмҳои дарунӣ, кирмҳои пӯст, брутселлёз, бразот, энтеротоксимия ва варами шуши моли майдаи шохдор ба мушоҳида мерасад. Маводҳои биологии пешгирии касалиҳои сирояткунанда аз ҳисоби маблағҳои эпизоотии ҷумҳурӣ ҷудо карда мешаванд (сӯхтанӣ – 100 %, вабои сумдард 12 %, гули моли майда 10 %, барои ташхиси касалии сил туберкулини ППД-40%).

Дигар мушкилот ин дар хоҷагиҳои ноҳия набудани нуқтаи бордоркунии сунъӣ, клиникаҳои бойторӣ ва нуқтаи безараргардонии чорво (барои сӯзонидан ва шустушӯи чорво, бахусус, барои чорвои гирифтори касалиҳои сироятӣ) мебошад. Ташкил намудани клиникаҳои байторӣ (аз ҷумла, дар сатҳи ҷамоатҳо) бо назардошти меъёрҳои стандартӣ ва муҷаҳҳаз гардонидани онҳо бо техникаю технологияҳои муосиро афзалияти аввала барои соҳа ба ҳисоб меравад.

Масъалаи муҳимтарин ин ҳифзи ҳудуди ноҳия аз воридшавии ангезаҳои бемориҳои карантинии ҳайвонот (аз ҷумла парранда, ҳайвоноти мӯинадор, занбӯри асал, моҳӣ ва ғайра) аз ҳудуди вилояти Лайлаки Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад. Аз сабаби набудани чарогоҳҳои тобистона чорвои аҳолии ҷамоатҳои «Ваҳдат”, “Мучун”, “Росровут” дар чарогоҳҳои вилояти Лайлак якҷоя бо чорвои аҳолии Қирғизистон аз моҳи сентябр то нимаи моҳи октябр нигоҳ дошта мешавад, ки ин боиси

сироятёбии чорво ва эҳтимолияти пайдоиши касалиҳои сирояткунандаи хавфнок мегардад.

Дар баробари мушкилоти номбаршуда нарасидани мутахассисони баландихтисос дар ноҳия низ ба назар мерасад, ки ин ба пешбурди соҳа таъсири манфӣ мерасонад.

## 2.2. СОҲАИ САНОАТ

Дар ноҳияи Ғончӣ 7 корхонаи хурду миёнаи саноатӣ ба қайд гирифта шудааст. Ҳадафи асосии соҳаи саноат ин баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолшавандаи саноатӣ тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосири замонавӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошад. Соҳаи саноати ноҳия асосан дар самти истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, хӯроквbooрӣ ва коркарди махсулоти кишоварзӣ махсус гардонида шудааст.

**Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (млн. сомонӣ)**




ар дав ом и ҳаф т сол и охи р ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ қариб 10 маротиба афзоиш ёфта, 0,5 фоизи маҳсулоти умумии саноатии вилоятро ташкил дод. Аз рӯи нишондиҳандаи дурнамо аз ҳисоби ба кордарории иқтидорҳои нав соли 2020 дар қиёс ба соли 2014 болоравии ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба андозаи 24,0 фоиз дар назар дошта шудааст. Болоравии ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар панҷ соли оянда аз ҳисоби бунёди корхонаи хурду миёнаи саноатӣ дар назар дошта шудааст.

Дар шароити кунунӣ корхонаҳои саноатии ноҳия аз рӯи иқтидори лоиҳавиашон фаъолият намекунанд.

**Намудҳои маҳсулот ва иқтидори корхонаҳои саноатӣ**

| *Номгӯи корхонаҳои саноатӣ* | *Самти фаъолият ва намудҳои маҳсулот* | *Иқтидо-ри лоиҳавӣ* | *Истеҳсо-ли воқеӣ* | *Ҳолати техникӣ* | *Истифода барандаго-ни маҳсулот* | *Миқдори умумии коргарон (нафар)* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶДММ «ҲАҶМИС» | *Хишт* | *5 млн.дона дар як сол* | *4,1 млн. дона* | *нав-қаноат-бахш* | *бозори дохилӣ* | 37 |
| ҶДММ «Хоки зар-рин» | *Хишт* | 16 млн. дона дар сол | *1,7 млн. дона/ сол* | *кӯҳна ва фарсуда* | *бозори дохилӣ* | 15 |
| ҶДММ «Спитамен» | *оҳаксанг* | 5400 тон./сол | *1881 тон/сол* | *нав* | *бозори дохилӣ* | 31 |
| ҶДММ «Ороста» | молҳои дӯхта | 8000 намуд дар як рӯз | 200 намуд дар як рӯз | куҳнаю фарсуда | бозори дохилӣ | 38 |
| Заводи консервабарор ии ноҳия | маҳсулоти мевагӣ | 2 млн. қуттии шартӣ/сол | 0 | *корношоям* | - | 4 |
| ҶСК «Матбааи Ғончӣ» | газета ва бланкаҳо | 5000 дона, 300 ҳаз. варақ | 20,5 ҳаз. варақ | куҳнаю фарсуда | ташкилот ва идораҳои ноҳия | 4 |
| Кооп. матлуботи «Ғунча» | коркарди маҳсулоти ширӣ | | Яхмос-1101 кг, чакка-60 кг, кефир-500 литр, қаймоқ-40 кг | нав – қаноат-бахш | бозори дохилӣ | 2 |
| Кооп. матлуботи «Меваҳои Ҳазорчашма» | нӯшобаи хуч | | 350 дал. | нав – қаноат-бахш | бозори дохилӣ | 3 |

Дар ҳудуди ноҳия захираи калони ашёи хом, аз ҷумла маводҳои сохтмонӣ (барои каркарди хишт ва дигар масолеҳи сохтмонӣ), маҳсулоти кишоварзӣ мавҷуд аст, ки дар ҳолати ба роҳ мондани коркарди онҳо ҳаҷми истеҳсолот ва иқтидори содиротии ноҳия зиёд мегардад. Илова бар ин ҳиссаи ноҳия дар истеҳсоли картошка дар вилоят 30 фоизро ташкил медиҳад, ки барои ташкили корхонаҳои коркарди маҳсулоти картошка (чипс ва дигар намуди он) заминаи мусоид аст.

Дар ҳолати бунёди сехҳои (коргоҳҳои) нав имконияти зиёд шудани маҳсулоти содиротӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меояд, ки ин метавонад рушди бемайлони ноҳияро таъмин намояд.

Дар заминаи корхонаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва хӯрокворӣ (заводи консервабарорӣ) таъсис намудани сехҳои истеҳсоли шарбат, консерваҳо, ҷемҳо, нӯшокиҳои ташнашикан, крахмал ва шароб имкониятҳои васеъ мавҷуд мебошанд.

Вазифаи асосии дар панҷ соли минбаъда ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар ин замина зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мебошад.

***Ҷанбаҳои экологӣ***. Дар ноҳия таъсири моддаҳои зараровари корхонаҳои саноатӣ ба муҳити атроф пурра омӯхта шудааст. Дар ҳудуди ноҳия 8 адад корхонаҳои саноатӣ мавҷуд буда, аз он дар айни ҳол 4 адад корхонаҳои саноатӣ, ки фаъолият менамояд ҳуҷҷатҳои меъёрии экологӣ дар асоси таҳияи лоиҳаи қисми ҳифзи муҳити зист расми карда шудааст. Боқимонда 4 адад корхонаҳои саноатӣ ҳангоми фаъолият таъсир ба муҳити зисти ҳавои атмосфера надорад.

Дар корхонаҳои мавҷуда мушоҳида оид ба партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо ба роҳ монда шудааст.

Мувофиқи ҳисоботи оморӣ 2ТП (ҳаво) барои се соли охир чунин аст:

**Ҳавои атмосфера:**

Мувофиқи ноҳияи Ғончӣ 22-объектҳои, ки манбаъҳои стационари ихроҷи моддаҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосфера мавҷуд аст.

1. ҶСК «Агропромтехснаби Ғончӣ»
2. заводи хиштбарории ҶДММ «ҲАҶМИС»
3. заводи хиштбарории ҶДММ «Хоки заррин»
4. заводи оҳакбарории ҶДММ «Спитамен»
5. нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ва гази моеъ-18 адад

Дар асоси ҳисоботи омории давлатии 2ТП (ҳаво) ихроҷи моддаҳои зараровар ба ҳавои атмосфера дар 5 соли охир чунин аст:

2010 - 32,83 тн/сол  2013 – 80,19 тн/сол
2011 – 48,23 тн/сол  2014 – 82,12 тн/сол
2012 – 48,27 тн/сол

# Маълумот
## оиди ҳаракати ҳисоботи омории 2ТП (ҳаво) аз рӯи манбаъҳои стационари мувофиқи ноҳияи Ғончӣ дар 6 соли охир.

| Сол-ҳо | Номгӯй | Партовҳои зараровар ба ҳавои атмосфера | | | | | | Муқоисаи ҳаҷми партовҳо нисбати соли гузашта % | Шумораи манбаъҳои фаъолият дошта | аз он ҷумла |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Хамаги | Аз он ҷумла | | | | | | | Муташа-килона |
| | | | Партовҳои сахт | Оксиди сулфур $SO_2$ | Оксиди карбон CO | Оксиди нитроген $NO_2$ | Оксидҳои ғайр газмонанд | | | |
| 2010 | н. Ғончӣ | 32,83 | 12,148 | 3,172 | 8,135 | 0,257 | 9,115 | - | 20 | 2 |
| 2011 | н. Ғончӣ | 48,23 | 13,494 | 5,382 | 16,003 | 0,909 | 12,439 | 147 | 25 | 3 |
| 2012 | н. Ғончӣ | 48,27 | 13,331 | 5,960 | 14,441 | 1,015 | 13,524 | 100 | 19 | 2 |
| 2013 | н. Ғончӣ | 80,19 | 27,345 | 11,370 | 28,514 | 1,932 | 11,029 | 166 | 19 | 2 |
| 2014 | н. Ғончӣ | 82,12 | 14,892 | 8,906 | 45,109 | 3,796 | 9,417 | 102 | 67 | 20 |
| 2015 | н. Ғончӣ | 291,64 | 81,21 | 34,79 | 112,202 | 7,909 | 55,524 | - | 150 | 29 |

Дар шакли ҷамъ ҳолати табии физикӣ–географии ноҳияи Ғончӣ қаноатбахш буда бо назардошти он, ки дар ҳудуди ноҳия корхонаҳои калони саноатӣ-истеҳсолие, ки ба ҳавои атмосфера таъсир мерасонад, мавҷуд нест.

*Партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо аз корхонаҳои саноатӣ*

| № б/т | *Номгӯйи моддаҳои зараровар* | Меъёри ҳадди ниҳоии консентрасия | Гурӯҳи хатарноки |
|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** |
| 1 | Моддаи сахт | 0,15 | 3 |
| 2 | Оксиди сулфур $SO_2$ | 0,5 | 3 |
| 3 | Оксиди карбонCO (II) | 1,0 | 4 |
| 4 | Оксиди нитроген $NO_2$ | 0,085 | 2 |
| 5 | Карбонати гидроген | 1,0 | 4 |
| 6 | Аэрозоли кафшери | - | - |
| 7 | Марганес ва оксидҳои он | 0,01 | 2 |
| 8 | Чанги гардолуди оҳан | 0,5 | 3 |
| 9 | Буги кислотаи сулфат | - | - |
| 10 | Кисилол | - | - |
| 11 | Ацетон | - | - |
| 12 | Бутелатцетат | - | - |

## 2.3. Соҳаи соҳибкории хурду миёна

***<u>Зарурияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти маҳаллӣ</u>***. Соҳибкорони хурду миёна (СХМ) дар рушди иқтисодиёти ноҳия нақши калон мебозанд. Ҳаҷми маҳсулоте, ки аз ҷониби соҳибкории хурду миёна истеҳсол мешавад, сол то сол тамоюли болоравӣ дорад. Аз рӯи маълумоти оморӣ 1248 субъекти соҳибкорӣ ба қайд гирифта шуда, аз ин 728 нафар тавассути патент ва 520 нафар бо шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ фаъолият доранд.

Дар ноҳия 72,0 фоизи соҳибкорони хурду миёна дар соҳаҳои тиҷорат ва хӯроки умумӣ фаъолият мекунанд. Дар баробари ин, солҳои охир сатҳи соҳибкорони ба соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, иҷтимоӣ, хизматрасонии маишӣ машғулбуда низ зиёд шудааст. Ба зиёд шудани соҳибкорони бахши кишоварзӣ гузаштани ба шакли нави хоҷагидорӣ ва иҷрои ислоҳоти замин ба афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намуд.

Соҳибкорони хурду миёна (СХМ) дар таъмини аҳолӣ бо ҷои корӣ бахусус дар самти хоҷагии қишлоқ нақши беандоза мебозад. Ҳиссаи умумии шуғл дар сектори хусусӣ 65 фоизи шумораи умумии ба кор таъминшудагонро ташкил медиҳад.

***Шумораи субъектҳои СХМ аз рӯи соҳаҳо (ба ҳолати 01.01.15.)***

| *Соҳаҳои иқтисодӣ* | *Шумораи субъектҳои ба қайдгирифта* | |
|---|---|---|
| | *Шахсони ҳуқуқӣ* | *Шахсони воқеӣ* |
| Хоҷагии қишлоқ бо назардошти коркард | 214 | 755 |
| Нақалиёт ва коммуникатсия | 4 | 275 |
| Тиҷорат | 115 | 492 |
| Соҳаи хизматрасонӣ | 76 | 257 |
| Сохтмон | 5 | 18 |
| Хизматрасонии молиявӣ | 10 | - |
| **Ҳамагӣ:** | **424** | **1797** |

Дар соҳаи соҳибкорӣ 35,0 фоизи аҳолии қобили меҳнат фаъолият мекунанд, ки аз ин 28,0 фоиз зан мебошад. Занҳои роҳбар дар корхонаҳои хурд 16 фоиз ва дар хоҷагиҳои инфиродӣ 4 фоизро ташкил медиҳад.

**Ҳиссаи соҳибкорон аз рӯи соҳаҳо**

(ҳаз.сомонӣ)

| Нишондиҳандаҳо | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Муомилоти моли чакана, ҳамагӣ | 21995,1 | 29099 | 32363 | 47510 | 55056 | 69033,5 | 86644,2 |
| аз он хусуси (соҳибкорон) | 6102 | 10085 | 9701,3 | 19316,4 | 13592 | 16524,6 | 22137,2 |
| Хизматрасонии пулаки ҳамагӣ | 11510,5 | 17025 | 19101 | 21423 | 28239 | 31528,6 | 31941,3 |
| аз он хусуси (соҳибкорон) | 9302,2 | 14080 | 14838 | 17785 | 22071 | 24116,3 | 24464,6 |
| Саноат (бозори номуташаккил) | 1208,3 | 3363 | 4259,5 | 4881,3 | 6002,6 | 6324,2 | 12889,2 |

Ҳиссаи соҳибкорон дар соҳаҳои тиҷорат ва хизматрасонӣ мутаносибан 95,2 фоизи ва 80,0 фоизро ташкил медиҳад. Ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби соҳибкорони дар самти тиҷорат, хизматрасонӣ ва кишоварзӣ шуғл дошта бештар маблағ ворид мешавад.

***Хизматрасонӣ барои рушди бизнес.*** Ба сатҳи баланди фоиз нигоҳ накарда талабот байни соҳибкорони хурду миёна ба қарзи бонкӣ дар ноҳия хело зиёд аст. Дар ҳудуди ноҳия якчанд ташкилотҳои ғайридавлатии қарздиҳии хурд, аз ҷумла «ИМОН Интернейшнл», “Арванд”, «Матин», “Оксус”, “Ҳумо”, “Музаффарият”, “Боршуд”, “Ҷовид”, Эсхата, филиалҳои Амонатбонк, Агроинвестбонк ва Тоҷиксодиротбонк фаъолият доранд. Дар соли 2014 тавассути ин бонкҳо 79,3 млн. сомонӣ ба соҳибкорон, аз ҷумла кишоварзӣ – 32,6 млн. сомонӣ, тиҷорат 5,2 млн сомонӣ, хизматрасонӣ 1,5 млн сомонӣ, сохтмон – 20,0 млн. сомонӣ ва дигар соҳаҳо 12,0 млн сомонӣ қарз дода шудааст.

Ташкилотҳои қарздиҳии ноҳия фаъолияти худро асосан баҳри рушди соҳаҳои кишоварзӣ, соҳибкории хурду миёна ва саноат нигаронидаанд. Дар ин самт суст будани маблағгузорӣ ба соҳаҳои сохтмон ва қонеъ гардонидани талаботҳои иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад.

Ҳоло соҳибкорони ноҳия ба кӯмакӣ машваратии профессоналӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва рушди бизнес (бахусус ба масъалаи баромадан ба бозори ҷаҳонӣ, рушди инноватсионӣ), таҷҳизотҳои лизингӣ ва техника, дастрасӣ ба ахборот, ҳамчунин дастрасӣ бо сохтори кӯмакрасон (бизнес инкубатор, маркази бизнесӣ) ниёз доранд.

*Мушкилоти соҳибкорӣ.* Мушкилоти асосии боздорандаи рушди соҳибкории хурду миёна дар ноҳия ин набудани маблағҳои худӣ барои сармоягузорӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ; мушкилот дар дастрасӣ ба қарзҳо (фоизи баланди қарз, набудани молу мулк барои гарав); набудани малакаҳои лозима барои ташкил намудан ва идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус дар байни занон, ба фурӯш бароварда натавонистани маҳсулотҳои истеҳсолшуда мебошад.

# БОБИ 3. БАХШИ ИҶТИМОӢ

## 3.1. Соҳаи Маориф

Соҳаи маориф яке аз омилҳои муҳимест, ки дар рушди ҷомеа ва ноил гардидан ба як қатор ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ накши муҳим мебозад. Таълимоти маълумоти босифат омили муҳими расидан ба рушди



устувор ва одилона аст. Системаи маориф дар сатҳи маҳаллӣ бо мақсади ба даст овардани маълумоти хушсифат идора шудаистода ва ноил гардидан ба баробарии гендерии ҳамаи табақаҳои аҳолӣ нигаронида шудааст.

Фаъолияти асосӣ барои ҳалли тамоми вазифаҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия дар соҳаи маориф аз чунин вазифаҳо иборат аст: а) барқарорсозии инфрасохтори муассисаҳои томактабӣ ва мактабӣ, таъмини мактабҳо бо гармӣ; б) таъмини хонандагони ҳамаи мактабҳо бо китобҳои дарсӣ; в) сохтани мактабҳои нав; г) ҷалби ҷомеа, волидайн, омӯзгорон, талабагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ оид ба идоракунии мактабҳо, ташкили таълими босифат ва таъмини фаъолияти хуби онҳо.

Дар ноҳияи Ғончӣ 7 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, 28 маркази рушди кӯдакон, 66 мактаби таҳсилоти умумӣ (аз он ҷумла 1 мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, 1 маркази таҳсилоти иловагӣ, 60 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 3 гимназия, 2 мактаби таҳсилоти ибтидоӣ) фаъолият дошта, дар муассисаҳои таълимӣ 33,4 ҳазор нафар талаба таҳсил мекунад.

*Маълумоти томактабӣ.* Аз 5 муассисаи таҳсилоти томактабӣ 2 кӯдакистон дар шаҳраки Ғончӣ ва 3-то дар деҳот мебошад. Ба муассисаҳои томактабӣ 1037 нафар кӯдакон фаро гирифта шудаанд. ки ин 33 фоизи талаботи умумии фарогирии кӯдаконро дар ноҳия ташкил медиҳад. Аз ин ҳамагӣ 33 фоизи онҳо ба муассисаҳои томактабӣ фаро гирифта шуда, 67 фоизи боқимонда (2065 нафар) аз сабаби набудани ҷой ба муассисаҳои дастрасӣ надоранд (ҳамагӣ 3102 нафар кӯдакони томактабӣ). Дар бештари кӯдакистонҳо мизу курсӣ фарсӯда шуда, таҷҳизотҳо, маъводҳои таълимӣ, бозичаҳо ва дигар асбобҳои аёнӣ намерасанд. Кӯдакистони №1-и маркази ноҳия ва №5 ба таъмири асосӣ ниёз доранд.

***Маълумоти миёна.*** Дар соли хониши соли 2014-2015 шумораи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти ноҳия 33400 нафарро ташкил медиҳад ( 49 фоиз духтарон ), ки 25719 нафар дар басти аввал ва 7682 нафар дар басти дуввум таҳсил мекунанд.

***Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии ноҳия (нафар)***

| ***Соли хониш*** | ***2011-2012*** | | | | ***2012-2013*** | | | | ***2013-2014*** | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***синфҳо*** | ***Ҳамагӣ нафар*** | ***писарон*** | ***духтарон*** | ***% духтарон*** | ***Ҳамагӣ нафар*** | ***писарон*** | ***духтарон*** | ***% духтарон*** | ***Ҳамагӣ нафар*** | ***писарон*** | ***духтарон*** | ***% духтарон*** |
| синфҳои 1-4 | 12923 | 6650 | 6273 | *48,5* | 13156 | 6791 | 6365 | *48,4* | 13009 | 6702 | 6307 | *48,5* |
| синфҳои 5-9 | 15754 | 8150 | 7604 | *48,3* | 15581 | 8066 | 7515 | *48,2* | 15489 | 8051 | 7438 | *48,0* |
| синфҳои 10-11 | 4041 | 2125 | 1916 | *47,4* | 4387 | 2197 | 2190 | *49,9* | 4407 | 2205 | 2202 | *50,0* |
| Ҳамагӣ | 32718 | 16925 | 15793 | *48,3* | 32905 | 16968 | 15937 | *48,4* | 32905 | 16958 | 15947 | *48,5* |

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин аз мактаб берун мондани хонандагон баъд аз хатми синфи 9-10 мебошад. Аз шумораи умумии хатмкунандагони синфи 9 дар соли хониши 2012-2013 (3135 нафар) таҳсилро дар соли хониши 2013-2014 ҳамагӣ 2204 нафар ё 70 фоизи онҳо идома додаанд. Дар ин давра аз 1558 духтар ҳамагӣ 1093 нафар духтар ё 70 фоиз ва аз 1557 нафар писар бошад 1111 нафар ё 71фоиз таҳсилро идома додаанд. Сабаби асосии коҳиш ёфтани шумораи хонандагони синфҳои болоӣ ин ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани қисме аз писарбачагон аз оилаҳои камбизоат, идома додани таҳсил дар коллеҷи тиббӣ, ҳамроҳи падару модарон берун аз ҳудуди шаҳру деҳот рафтан ё ба шавҳар баромадани духтарон (дар ҳолатҳои махсус), касод будани буҷаи оилавӣ барои таъмини хонандагон бо сару либосу таҷҳизоти мактабӣ ва дур будани роҳи мактаб аз маҳалли истиқомат мебошад.

Ҳавасманд намудани ҳамаҷонибаи онҳо ҷиҳати давом додани таҳсил ба курсҳои миёнамӯҳлати таълимӣ, махсусан курсҳои омӯзишии компютерӣ, ҳисоби муҳосибӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳа тайи солҳои минбаъда хоҳад буд. Дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия тайи панҷ соли оянда вобаста ба ин мушкилии ҷойдошта, тадбирҳои амалӣ андешида мешавад.

Солҳои охир мушкилоти дигар мавҷудаи ситемаи маориф ин нарасидани синфхонаҳои таълимӣ, таъмирталаб будани 10 муассисаи таълимӣ, набудани системаи ягонаи гармкунӣ, нарасидани мизи курсӣ, таҷҳизоту компютерҳо, маводҳои аёнӣ, норасоии ашёҳои дарсӣ ва таҳлилӣ, дар ҳолати бад ва ё набудани лабараторияҳои аз фанҳои физика, химия, биология ва ғайраҳо мебошад.

*Таълимоти фарогир.* Дар ноҳия 22 нафар кӯдакони қобилияташон маҳдуд ба қайд гирифта шудааст, ки 5 нафари онҳо духтарон буда, муаллимон ба онҳо дар хонаҳояшон дарс медиҳанд.

Аз соли 2010 тибқи ислоҳоти системаи соҳаи маориф ҳамаи мактабҳои ҳудуди ноҳия пурра ба системаи маблағгузории сарикасӣ гузаштанд.

*Таъминот бо омӯзгорон*. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия 2300 нафар омӯзгор фаъолият мекунад, ки аз ин 42 фоиз зан мебошад. Аз шумораи умумии омӯзгорон 83,5 фоизашон маълумоти олӣ доранд.

***Шумораи умумии омӯзгорон (нафар)***

| Нишондиҳандаҳо | соли 2012 | соли 2013 | соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Шумораи умумии омӯзгорон | 2233 | 2219 | 2263 |
| аз ҷумла, занон | 895 | 891 | 896 |
| Дорои маълумоти олӣ | 1865 | 1838 | 1886 |
| аз ҷумла, занон | 668 | 649 | 664 |
| Олии нопурра | 54 | 56 | 72 |
| аз ҷумла, занон | 40 | 36 | 59 |
| Миёнаи касбӣ | 268 | 275 | 269 |
| аз ҷумла, занон | 158 | 170 | 150 |
| Миёнаи умумӣ | 46 | 50 | 35 |
| аз ҷумла, занон | 29 | 36 | 22 |
| Муаллимони аз коррафта | 61 | 76 | 63 |
| аз ҷумла занҳо | 15 | 15 | 12 |
| Норасогии кадрҳо | 36 | 33 | 22 |

Набудани шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ боиси аз муассисаҳои таълимӣ рафтани омӯзгорони соҳибтаҷриба мегардад, ки таи се соли охир 200 омӯзгор корро тарк намуда, ба дигар корҳои ғайриомӯзгории музднок ё муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд.

*Компютеркунонии мактабҳо.* Дар асоси барномаи компютеркунонии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, мактабҳои ноҳия бо компютерҳо таъмин гардидаанд. Дар тавозуни муассисаҳои таълимии ноҳия 773 компютер, яъне 1 компютер ба 18 нафар хонанда рост меояд, ки ин аз меъёр ба адади 3 компютер кам мебошад (аз меъёри як компютер ба 15 нафар хонанда, ки фанни технологияи иттилоотӣ меомӯзанд). Новобаста аз ин, нарасидани нерӯи барқ дар фасли зимистон дар мактабҳои деҳот барои гузаронидани дарсҳои амалии фанни технологияи информатсионӣ монеа пеш меоварад. Бинобар ин зарурати таъмини мактабҳо бо хати озоди барқ ва батареяҳои офтобӣ ба миён омадааст.

**<u>Системаи таъминот бо оби нӯшокӣ ва гармӣ.</u>** Ба сабаби солҳои дароз истифода гардидани қубурҳои обгузар дар бештари муассисаҳои таълимӣ системаи таъминоти об нӯшокӣ аз кор баромаданд (33 муассисаи таълимӣ ва 3 кӯдакистон).

Системаи таъминоти гармидиҳии мактабҳои ҳудуди ноҳия аслан тавассути таҷҳизоти барқӣ ва печкаҳои алобӣ сурат мегирад. Ба сабаби кор накардани системаҳои гармидиҳии мавҷуда аксарияти мактабҳои марказ ва деҳот аз таъминоти гармидиҳии буғӣ маҳрум мебошанд.

*Омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ.* Дар ноҳия ду омӯзишгоҳи касбии техникӣ ЛКТ- 64 ва ЛКТ- 38 фаъолият мекунанд. Дар ин омӯзишгоҳҳо касбҳои челонгарӣ, тракторчигӣ ва дӯзандагӣ омӯзонида мешавад. Муассисаҳои дар тобеияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Бинои омӯзишгоҳҳо кӯҳна буда, солхои тӯлони таъмири асоси гузаронида нашудааст. Китобҳои дарсӣ, таҳҷизот ба талаботи ҳозиразамон ҷавобгӯ нестанд. Устохонаҳои омӯзишӣ ба таъмири асосӣ ва таҷҳизоти нав эҳтиёҷ доранд.

*Маълумоти берун аз мактабӣ.* Дар маркази ноҳия маркази маълумоти иловагӣ (хонаи пионерон) фаъолият дорад, ки дар он 21 нафар муаллимон ба хонандагон касб меомӯзонанд. Ин марказ дорои 20 маҳфил буда, асосан маҳфилҳои дӯзандагӣ, рассомӣ, кишваршиносӣ ва ғайраҳо таълим дода мешавад. Дар ин махфилҳо 622 нафар хонандагон иштирок мекунанд.

Бинои маркази маълумоти иловагӣ хурд буда дар бинои иҷоравӣ ҷойгир мебошад ва ба талаботи таъминоти пурраи хонандагон ҷавобгӯй нест. Таҷҳизотҳо (мизу курсӣ, мошинкаҳои дӯзандагӣ ва ғ.) намерасанд.

**Мушкилоти ҳалталаби муассисаҳои соҳаи маориф**

| Номгӯи мушкилот | Миқдори муассисаҳо |
|---|---|
| Сохтмони мактаб барои муҳоҷирони аз деҳаҳои Овҷӣ, Угук, Метк ва Росровут ба мавзеи Даштикон кӯчонидашуда | барои 240 ҷойи нишаст |
| Сохтмони толори варзишӣ дар мактабҳои №№ | 1,5,6,9,10,11,14,15,18,21,22,24,25,26,27,28,29,30,31,32,33,34, 35,36,41,44,45,46,48,49,50,51,52,53,54 |
| Сохтмони ошхонаи замонавӣ дар муассисаҳои таълимии ноҳия | дар 8 муассисаи таълимӣ |
| Муассисаҳои таълимии ба таъмири асосӣ ниёздошта | 30 муассиса |
| Барқарорсозии боми кӯдакистонҳо, гузаронидани таъмири асосӣ ва таҷҳизонидани онҳо | №№1,3,4,5 |
| Барқарорсозии боми толорҳои варзишӣ дар макабҳои | №№ 43,13,37,39 |

## 3.2. СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ

*Ҳолати умумии соҳа.* Тандурустӣ соҳаи муҳим ва афзалиятнок барои беҳбудии саломатии аҳолӣ аст. Бахши мазкур самтҳои афзалиятноки сиёсатро дар бахши тандурустӣ ва талаботи молиявие, ки барои ба эътидол омадани асосҳои системаи ёрии тиббию беҳдоштии аввалия ногузиранд, равшан сохта, чунин зерсохторҳоро, аз қабили миқдори дармонгоҳҳо, марказҳои саломатӣ, ҳолати саломатии аҳолӣ, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии тиббӣ, мушкилии бахши тандурустӣ ва роҳҳои ноил шудан ба беҳдошти соҳаи мазкур фаро мегирад.

Дар ноҳия беморхонаи марказӣ (дорои 325 кати хоб), 6 беморхонаи рақамӣ (бо 335 кати хоб), 2 маркази саломатии ноҳиявӣ, 16 маркази саломатии деҳавӣ, 22 бунгоҳи тиббӣ, 19 нуқтаи доруфурушии хусусӣ, 4 шӯъбаи ёрии таъҷилӣ, 1 Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, марказҳои солимии репродуктивӣ, эмтаъминкунӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ҳамбастагии касалиҳои кӯдакона фаъолият мекунад. Дар муассисаҳои тиббии ноҳия 162 нафар духтурони дорои таҳсилоти олӣ ва 695 нафар ҳамшираи шафқат кор мекунанд, ки ба 10,0 ҳазор аҳолӣ 10,1 нафар духтур рост меояд. Муассисаҳои тиббии ноҳия ба 50 нафар кормандони бахшҳои мухталифи тиббӣ ниёз доранд (аз ҷумла, 32 нафар духтури тибби оилавӣ, 2 нафар духтури кардиолог, 2 нафар духтури момопизишк, 4 нафар духтури бемории кӯдакона, 2 нафар равоншиносу асаб, 1 нафар ғадудшинос, 2 нафар рентенолог, 1 нафар нарколог, 4 нафар эҳёи кӯдакон ва 4 нафар духтури калонсолон). Низоми тандурустӣ дар ноҳия аз муассисаҳои бистарикунонӣ , кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва 2 адад тибби хусусц иборат аст.

Таҷҳизотҳои мавҷудаи муассисаҳои тандурустии ноҳия фарсудаю корношоям гардидаанд. Барои беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ муҷаҳҳаз намудани муассисаҳои тиббӣ бо таҷҳизоти муосир аз ҷумла, дастгоҳи нафасгирии сунъӣ (ИВЛ), дастгоҳи эҳёгарӣ, дастгоҳи рентгенӣ, флюрография, дезкамера, гастроскоп, кювез ва дигар таҷҳизотҳои лозима вазифаи аввалиндараҷа аст.

Беморхонаи марказии ноҳия, беморхонаи рақамии №6 д. Далёни Боло, бинои маркази саломатии ноҳиявӣ, амбулаторияи тибби оилавӣ, марказҳои саломатии деҳаҳои Хишекат, Басманда, Сурхоб, Бунгоҳи Саломатии Яхтан, Хӯҷа Тоҳир, Файзобод, Шоҳин ба таъмири асосӣ ниёз доранд. Системаи гармидиҳии марказонидашудаи беморхонаи марказӣ корношоям гардидааст.

*Давомнокии миёнаи умр.* Ташаккули тарзи солими зиндагӣ яке аз омилҳои муҳими беҳбуд ёфтани нишондиҳандаҳои марбут ба шеваи дурусти ҳаёт мебошад. Чорабиниҳои иттилоотию тавзеҳӣ дар миёни аҳолӣ, ки ба дарки мафҳумҳое чун танзими оила, талқини малакаҳои гигиенӣ ва тағйирёбии меъёрҳои ахлоқӣ мусоидат мекунад, унсурҳои асосии ташаккули тарзи солими зиндагӣ дар ноҳия аст

Аз рӯи маълумоти расмӣ нишондиҳандаи давомнокии миёнаи умр 70-75 сол мебошад, аз ҷумла барои мардон 70-75 сол ва барои занон 65-70 сол. Нишондиҳандаи давомнокии умр дар қиёс ба дигар манотиқи ҷумҳурӣ 7-8 сол зиёдтар аст.

*Бемориҳои паҳншуда.* Бемориҳои аз ҳама бештар паҳншуда миёни аҳолии ноҳия фишорбаландӣ, бемориҳои дил, диабети қанд, сил, буғумдард, кирми рӯда (гелминтоз байни кӯдакон ва наврасони то 14-сола), дарунравии шадид дар байни кӯдакон, гестозҳо, куррӯда (апендисит), санги талха, камхунӣ, латхурӣ (травма), оворизи баъди таваллуд дар байни навзодон мебошад. Сабаби паҳн шудани чунин бемориҳо байни аҳолӣ сари вақт аз ташхис нагузаштан, сатҳи пасти иттилоотонӣ ва дигар омилҳо мебошанд.

Солҳои охир дар ноҳия коҳишёбии нишондиҳандаҳои солимии модарон ба назар мерасад. Сабаби ин гирифтор будани занони ҳомиладор ба бемориҳои экстрагенеталӣ (аз ҷумла бемориҳои гурда, камхунӣ, ҷоғар), сари вақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, зоиш дар синни бармаҳал ва камбизоатии занон мебошад.

*Иштироки ҷомеа дар беҳтар намудани саломатӣ.* Дар ҳалли масоили солимӣ иштироки ҷомеа ва ташаббуси аҳолӣ оид ба беҳтар намудани вазъи беҳдоштию санитари ба роҳ монда шудааст. Маърифатнокии аҳолӣ доир ба масъалаҳои бурдани тарзи ҳаёти солим ва чорабиниҳо оид ба болобурдани сатҳи он ба қадри имкон ба роҳ монда шудааст.

*Саломатии модар ва кӯдак.* Саломатии аҳолӣ вазифаи муҳими ноҳия дар панҷ соли оянда буда, ҳадафи асосии он дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии босифати тиббӣ аст.

*Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва хона, сатҳи фавти модар.*

| *Нишондодҳо* | *2010* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* |
|---|---|---|---|---|---|
| *Ҳамагӣ таваллуд* | *4341* | *4331* | *4117* | *4567* | *4544* |
| *Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ* | *4061* | *4115* | *3934* | *4370* | *4439* |
| *Ба ҳисоби фоиз (%)* | *94* | *95* | *96* | *96* | *97,6* |
| *Таваллуд дар хона* | *257* | *216* | *157* | *197* | *105* |
| *Ба ҳисоби фоиз (%)* | *6* | *5* | *4* | *4* | *2,4* |
| Фавти модарон (барои 100,0 ҳазор зиндатаваллуд) | *73,8/3нафар* | *24,3/1нафар* | *25,4/1 нафар* | *22,8/1нафар* | *22,5/1нафар* |

Сол аз сол шумораи дар шароити хона таваллуд намудани занон кам шуда, ин ҳам бошад бо ёрии момодояҳо ба роҳ монда мешавад. Ба ин нигоҳ накарда фавти модарон тайи солҳои охир қариб дар як сатҳ қарор дорад.

Гарчанде дар ноҳия ҷиҳати беҳдошти солимии модарон татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба солимии репродуктивӣ, танзими оила, инчунин фаъолияти хуби муассисаҳои КАТС, хадамоти патронажӣ ва тибби оилавӣ

нақши калон бозанд ҳам, вале дар солҳои охир шумораи гирифтори бемории камхунӣ ва ҷоғар дар байни занони ҳомила чандин маротиба зиёд шудааст, ки ин дар бисёр маврид боиси фавти модарон ва кӯдакони мурдатаваллуд мегардад.

**Камхунӣ ва норасоии йод дар организми занҳое, ки аз ҳомилагӣ баромадаанд**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои ҳомила ва аз ҳомилагӣ баромада | нафар | 6209 | 7523 | 5736 | 5843 | 4909 |
| Камхунӣ (анимия) | нафар | 4343 | 5115 | 4129 | 4382 | 3462 |
| Бо ҳисоби фоиз | % | 70 | 68 | 72 | 75 | 70,5 |
| Касалиҳои гирифтори ҷоғар | нафар | 636 | 660 | 685 | 822 | 827 |
| Бо ҳисоби фоиз | % | 10,2 | 8,7 | 11,9 | 14,1 | 16,8 |
| Мурдатаваллуд | промил | 10,3 | 9,2 | 12,7 | 12,1 | 6,0 |

*Нишондоди фавти модарон ва мурдатаваллуд*

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи фавти модарон | нафар | 3 | 1 | 1 | 1 | 3 |
| Шумораи мурдатаваллудшудагон | нафар | 42 | 38 | 12 | 53 | 27 |

Шумораи гирифтории бемории камхунӣ ва ҷоғар дар байни занҳои таваллудкунанда коҳиш ёфта бошад ҳам, дар бисёр ҳолатҳо ин ба гирифтори оризаи ҳомиладории занҳо оварда мерасонад (ба оқибатҳои вазнини то фавти модар, кӯдак, мурдатаваллуд). Инчунин, коҳишёбии индекси солимии модарон ба назар мерасад. Сабаби ин саривақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои хатарноки ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва камбизоатии онҳо мебошад. Ҳадафи асосии соҳа тайи солҳои минбаъда андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати бартараф намудани бемориҳои гирифтори камхунӣ, ҷоғар баланд бардоштани иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва коҳиш додани сатҳи кабизоатӣ дар миёни занҳои ҳомила мебошад

Дар панҷ соли оянда вазифаи асосии бахши тандурустӣ ба андозаи аз чор се ҳисса кам кардани нишондиҳандаи фавти модарон ва ба андозаи аз се ду ҳисса кам кардани сатҳи фавти кӯдакони то 5-сола мебошад. Зеро нишондиҳандаҳои номрасшуда (фавти тифлони аз 0 то 1 сола, аз 1 сола то 5 сола ва мурдатавллуд) дар қиёс ба дигар минтақаҳои вилоят баланд мебошанд.

***Сатҳи фавти кӯдакон дар солҳои 2010-2014***

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| Фавти кӯдак то 5 сола (аз рӯи 1000 з/т) | 139 | 113 | 92 | 94 | 23 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 3,2 | 2,6 | 2,2 | 2,0 | 1,3 |
| Фавти кӯдакони то 1 сола (аз рӯи шумора 1000 з/т) | 111 | 93 | 71 | 73 | 72 |
| Бо ҳисоби промил (%) | 25,4 | 19,1 | 17,4 | 16,0 | 19,0 |

Сабабҳои асосии фавти кӯдакони то 0-5 сола ва то як сола аз омилҳои зерин иборат мебошад:

1. Баланд будани нишондоди фавти перенаталӣ (0-6 рӯза) бинобар ғайриқаноатбахш будани ҳолати солимии занҳои ҳомиладор.
2. Баланд будани сатҳи бемориҳои роҳи нафас (ҳар чанде, ки дар ин самт фаъолияти марказҳои ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона ва эмкунӣ дуруст ба роҳ монда шудааст ва марказҳои мазкур аҳолиро ба доруворихо ва маводҳои эмкунанда сари вақт пурра таъмин менамоянд), паст будани маърифатнокии тиббии модарон ва шароити номусоиди иқтисодии оилаҳои хоҷагиҳои дурдаст, шумораи бемории камхунӣ дар байни занони ҳомиладор.
3. Фаъолияти номусоиди муассисаҳои КАТС аз сабаби нокифоягии маблағгузорӣ, нақлиёт, мутахассисон ва фарсудаю корношоям будани таҷҳизотҳои тиббӣ ва биноҳо.
4. Баланд будани сатҳи бемориҳои радифӣ, аз ҷумла, камғизогӣ, рахит, нуқсонҳои модарзодӣ, камхунӣ ва ғайраҳо. Занони ҳомиладор то таваллуд ва пас аз таваллуд ба реҷаи ғизо ва ғизонокии хӯрока кам аҳамият медиҳанд.
5. Нарасидани табибони бемориҳои навзодон ва таҷҳизотҳои эҳёи навзодон

*Бемориҳои сироятӣ.* Мубориза ба муқобили бемориҳои сироятӣ яке аз масъалаҳои умдаи ноҳия ба ҳисоб рафта, аз сабаби коҳиш ёфтани маблағгузорӣ ва кӯҳнаю фарсуда шудани таҷҳизоти озмоишгоҳи маркази санитарию эпидемиологии ноҳия, имкониятҳои пешгирӣ намудани бемориҳои сироятӣ мушкил аст.

***Динамикаи тамоюли бемориҳои сироятӣ***

| *Намуди бемориҳои сироятӣ* | *2010* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* |
|---|---|---|---|---|---|
| Бемории сил | 34 | 47 | 35 | 40 | 35 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 24,1 | 32,4 | 24,4 | 26,8 | 23 |
| Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо | 633 | 802 | 637 | 600 | 599 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 44,9 | 55,4 | 44,4 | 40,2 | 38,5 |
| Исҳоли хунин (Дизентерия) | 21 | 10 | 35 | 16 | 17 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 14,9 | 6,9 | 24,4 | 10,7 | 10,9 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Сироятҳои шадиди рӯдаву меъда | 264 | 313 | 279 | 209 | 156 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 18,7 | 21,6 | 19,4 | 14,0 | 10,0 |
| Гелментоз | 545 | 540 | 539 | 514 | 200 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 38,3 | 37,3 | 37,6 | 34,4 | 12,8 |
| Домана | 2 | 1 | 1 | - | - |
| Бемории ВИЧ/СПИД | 7 | 11 | 14 | 21 | 22 |
| Эханоккок | 4 | 2 | - | - | 16 |
| Бурселёз | 66 | 78 | 43 | 15 | 13 |
| Зардпарвин намуди А | 391 | 265 | 432 | 760 | 158 |
| Бемории шадиди роҳи нафас | 2589 | 3593 | 2886 | 2032 | 2359 |
| **Ҳамагӣ аҳолӣ:** | 139,6 | 143,5 | 146,8 | 150,5 | 154,3 |

Дар ноҳия шумораи гирифтори бемориҳои шадиди рӯдаву меъда, бемории шадиди роҳи нафас, ВНМО ва гепатити “В” зиёд шудааст. Сабаби асосии афзоиши бемориҳои сироятӣ ин сари вақт ташхис нашудани бемориҳо, бахусус дар оилаҳое, ки ба хизматрасонии тиббӣ дастнорас мебошанд (муҳоҷирони меҳнатӣ), хизматрасонии пасти коммуналӣ дар деҳот, паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба масъалаҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ, камбизоат будани аҳолӣ, гарон будани арзиши доруворӣ ва хизматрасонии тиббӣ аст.

## 3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ

**Вазъи кунунии соҳа.** Соҳаи иҷтимоии ноҳия аз бахши суғуртаи давлатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кӯмаки суғуртавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат мебошад.

*Гурӯҳи осебпазири аҳолӣ.* Ба гурӯҳи осебпазири аҳолии ноҳия нафақахӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

***Шумораи нафақахӯрон аз рӯи таснифот дар тӯли солҳои 2012-2014***

| **Номи гурӯҳи осебпазир** | **Солҳо** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** |
| Нафақахӯрон (аз рӯи сину сол) | 7307 | 7552 | 7813 | 8046 |
| Маъюбон | 2435 | 2559 | 1860 | 2314 |
| Маъюбони модарзод | 734 | 740 | 730 | 736 |
| Бесаробонмондагон | 800 | 806 | 822 | 812 |
| Ҳамагӣ: | 11276 | 11657 | 11225 | 11908 |
| Оилаҳои камбизоат | 4500 | 4341 | 3776 | 1999 |

Аз шумораи умумии нафақахӯрон 67,6 фоизи нафақахӯрони аз рӯи синну сол, 19,4 фоиз маъюбон, 6,2 фоиз маъюбони модарзод ва 6,8 бесаробонмондагон мебошанд. Шумораи кӯдакони маъюб тайи солҳои охир 00 фоиз зиёд шудааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки таваллуд шудани маъюбони модарзод дар бисёр маврид аз ҳисоби никоҳи хешутаборӣ мебошад. Дар доираи Барнома тайи солҳои 2016-2020 корҳои таблиғотӣ

байни аҳолӣ ба роҳ монда шуда, ба саломатии физиологӣ ва равонии аҳолӣ диққати махсус дода мешавад. Инчунин, тайи солҳои минбаъда таъмини маъюбон бо курси-аробача ва асбобҳои ёридиҳанда (ассо, узвҳои сунъи (протез), таҷҳизотҳои шунавоӣ ва ғайра) дар назар аст (талабот 80 нафар ба курсӣ  аробачаҳои маъюбӣ, 40 нафар ба асобағал, 1 нафар бо воситаҳои ёридиҳанда (узвҳои сунъӣ (протез) ва 6 асои нобиноӣ ).

Дар ноҳия 42 нафар кӯдакони маъюб аз сабаби набудани шароит ба муассисаҳои таҳсилоти дастрасӣ надоранд. Барои ташкили маълумоти фарогир (инклюзивное образование) дар солҳои минбаъда мутахассисони соҳибтахассусро дар заминаи макотиби олии вилоят аз ҳисоби кадрҳои маҳаллӣ омода намуда, муассисаҳои таҳсилотии  ноҳияро бо онҳо таъмин намудан лозим аст.

*Ҳифзи иҷтимоии кӯдакон.* Ташкил намудани системаи ҳифзи иҷтимоии кӯдакони осебпазир (бепарастор, маъюб, кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда ва ё тахти хавфи ҳуқуқвайронкунӣ қарор доранд, ҳамоҳангсозӣ бо мақомотҳои дахлдор) вазифаи асосӣ дар солҳои минбаъда буда, ҳадафи он дар сатҳи оила ва ҷомеа ба воя расонидани кӯдакон ва ба муассисаҳои будубоши доимӣ фиристодани онҳо мебошад. Бо мақсади ҳифзи кӯдакони маъюб “Шӯрои ҷамъиятии оид ба мутобиқгардонии масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон” фаъолият менамояд.

*Хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона.* Дар ноҳия шӯъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона фаъолият дошта, ҳамагӣ ба 210 нафар хадамоти суроғавӣ расонида мешавад (новобаста аз ин, ки дар ҳудуди ноҳия шумораи ниёзмандон ба хизматрасонии суроғавӣ хеле зиёд аст).

*Шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират.* Дар ноҳия шӯъбаи агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ фаъолият дорад, ки дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо дарназардошти вазъи шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат, низоми доимоамалкунандаи мониторинги бозори меҳнатро ташкил намуда, таҳлили ҳолат ва ояндабинии талаботу пешниҳодҳоро ба қувваи корӣ амалӣ месозад.

Бо мақсади таъмини аҳолии ноҳия бо ҷои кори доимӣ тайи солҳои 2016-2020 бо дарназардошти ба кордарории иқтидорҳои маҳаллӣ зиёда аз 4000 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода мешавад (аз ҳисоби обёрӣ намудани заминҳои бекорхобида, таъсиси корхонаҳои хурду миёна, бунёди шаҳраки Баҳористон ва дигарҳо).

Дар ноҳия шумораи зиёди бекоронро занон ташкил медиҳанд, ки аслан хонанишин мебошанд. Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат танҳо 40 фоиз дар ташкилоту корхонаҳо ба кор машғулбуда, 30,0 фоиз дар муҳоҷирати меҳнатӣ ва 30,0 фоизро бекорон ташкил медиҳад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор нақши калон бозида, сарчашмаи асосии даромади аҳолии ноҳия ба шумор меравад. Шумораи муҳоҷирони меҳнатии бурунмарзӣ аз сабаби набудани сохтори дахлдори хадамот аниқ ба ҳисоб гирифта намешавад. Тақрибан зиёда аз 20,0 ҳазор нафар аҳолии қобили меҳнат дар муҳоҷирати бурунмарзӣ мебошанд, ки аз ин 1200 нафарро зан мебошад. Соли 2014 аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ба ноҳия тавассути бонкҳои ноҳиявӣ 11 млн. доллари ИМА пул

ворид гаштааст, ки дар ҳолати самаранок истифода намудани маблағи воридгардида, метавонад ба иқтисодиёти ноҳия мусоидат намояд.

Масъалаи дигаре, ки дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия тайи солҳои 2016 - 2020 мавриди ҳал қарор мегирад, ин ба роҳ мондани муҳоҷирати экологии дохилӣ (ихтиёрӣ), тавассути аз ҷойҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ мебошад. Вобаста ба ҳалли ин масъала қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2016-2020" ба тасвиб расидааст, ки дар доираи он аз ноҳия кӯчонидани 250 оила ба ноҳияи Зафаробод пешбинӣ шудааст.

Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ ва таъсис додани ҷойи нави корӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ҳамасола ба бекорон қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок барои ташкил намудани фаъолияти соҳибкорӣ пешниҳод карда мешавад.

## 3.4. Фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ

***<u>Соҳаи фарҳанг.</u>*** Дар ноҳияи Ғончӣ 52 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 26 китобхона (дорои 132,4 ҳазор адабиётҳои гуногун), 1 қасри фарҳанг, 5 хонаи фарҳангӣ, 1 театри халқӣ, 1 осорхона, 16 клуб, ансабли «Шашмақом» ва 1 мактаби мусиқӣ фаъолият мекунад. Инчунин дар ҳудуди ноҳия зиёда аз 34 ёдгории таърихию фарҳангӣ ба қайд гирифта шудааст.

Муассисаҳои фарҳангии ноҳия, аз ҷумла клубҳои деҳаҳои Kaҷровут, Сурхоб, Овчӣ, Угук, Басманда, Хишекат, Обиборик ва Даштикон ба таъмир низ ниёз доранд. Инчунин, дар муассисаҳои фарҳангии ноҳия мизу курсӣ, асбобҳои мусиқию навозандагӣ, сарояндагӣ, рассомӣ, рафҳои китобмонӣ, адабиётҳои тозанашр ва таҷҳизотҳои компютерӣ намерасанд.

**Варзиш.** Дар маркази ноҳия мактаби варзишии кӯдакон ва наврасон фаъолият дошта, дар он дар 36 гурӯҳ аз рӯи 10 намуди варзиш 19 мураббӣ таълим медиҳанд (аз рӯи варзиши сабук, волейбол, тениси рӯи миз, футбол, шоҳмот, самбо, дзюдо, гӯштини тарзи озод, каратей-до, айки-до). Дар ноҳия 50 майдонча ва 20 толори варзишӣ мавҷуд аст. Шумораи умумии машқварзон 422 нафар, аз ин 53 нафар духтар мебошад. Дар ҷамоатҳои деҳот аз рӯи ҳамаи намудҳои варзиш ҷавонон ба машқ фаро гирифта шуда бошанд ҳам, вале кадрҳои баландихтисос намерасанд. Дар доираи Барномаи рушди ноҳия тайёр намудани мурабиҳо, бунёди майдон ва иншооти варзишӣ (аз ҷумла қасри фарҳанг) дар назар аст.

## 4.1. Обтаъминкунӣ ва хизматрасонии рифоҳӣ (коммуналӣ)

**Оби тозаи нӯшокӣ**. Таъмин намудани аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ ва беҳсозии сатҳи дастрасӣ ба оби ошомидании хушсифат яке аз афзалиятҳои аввалиндарачаи ноҳия дар панҷ соли оянда аст. Дар ноҳия 31,7 фоизи аҳолӣ аз оби нӯшокӣ таъмин буда, 68,3 фоизи дигар ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надоранд. Аз рӯи маълумоти расмӣ 65,4% - аҳолӣ аз қубурҳои водопроводӣ, 12,2% аз чашма, 4,0 % аз чоҳҳои амудӣ, 18,3 % аз ҳавз ва ҷуйборҳо оби нӯшокиро истеъмол мекунанд.

**Таъминоти аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳияи Ғончӣ (ҳазор нафар)**

| Номгӯи ҷамоатҳо | Аҳолии умумӣ | Шумораи аҳолии бо оби нӯшокӣ дастраси-дошта | Ба ҳисоби фоиз (%) | Шумораи аҳолии бо оби нӯшокӣ дастраси-надошта | Ба ҳисоби фоиз (%) |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| ш/к.Ғончӣ | 10,9 | 4,4 | 40,0 | 6,5 | 60,0 |
| | | | | | |
| Ғазантарак | 17,8 | 6,2 | 35,0 | 11,8 | 89,0 |
| Муҷун | 27,8 | 13,9 | 50,0 | 13,9 | 50,0 |
| Яхтан | 15,0 | 4,2 | 28,5 | 10,8 | 71,5 |
| Ваҳдат | 31,9 | 3,6 | 11,3 | 28,3 | 88,3 |
| И.Сомонӣ | 13,9 | 4,2 | 30,0 | 9,7 | 70,0 |
| Далёни Боло | 23,6 | 7,1 | 30,0 | 16,5 | 70,0 |
| Росровут | 14,4 | 5,7 | 40,0 | 8,7 | 60,0 |
| **Ҳамагӣ:** | **155,6** | **49,3** | **31,7** | **106,3** | **68,3** |

Аксарияти манбаъҳои об дорои иншооти муҳофизати санитарӣ, ҳавзҳои такшинкунии хок ва ҳавзи тозакунӣ бо маҳлули хлор намебошанд. Сарбанди хатҳои обгузар посбонӣ карда намешавад ва ба меъёрҳои сохтмонӣ ҷавобгӯ нест ва беҳдоштӣ об барои ноҳия самти афзалиятнок ба ҳисоб рафта, дар доираи Барномаи рушди ноҳия дар солҳои минбаъда беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба об ва коҳиш додани талафоти офатҳои табиӣ марбут ба об, инчунин мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар назар дошта шудааст.

Сабаби дигари бо об таъмин набудани аҳолӣ аз кор баромадани чоҳҳои артезианӣ, пойгоҳои обкашӣ (аз ҷумла дар ҷамоатҳои Ғазантарак, Яхтан, пойгоҳҳои обкашии деҳаи Зарнисор ва маҳаллаи Гулбоғи шаҳраки Ғончӣ), набудани системаи обтаъминкунӣ дар маҳаллаҳои навбунёди "Бахт", "Навобод" ва аз фаъолият боз мондани системаҳои мавҷуда мебошад.

Дар давоми солҳои 2016-2020 кашидани қубури иловагӣ аз назди беморхонаи марказӣ Бахт (100 мм), азнавбарқарорсозии се адад ҳавзи ба танзимдарории фишори оби нӯшокӣ дар маҳаллаи "Сари Мазор" (бо

ғунҷоиши 1500 $м^3$), ба итмом расонидани сохтмони нотамоми хатти дуюми обрасонии Ҳазорчашма-Ғончӣ дар назар аст.

***Ташноб ва беҳдоштӣ.*** Дар ноҳия системаи обу ташноб (канализатсия) мавҷуд нест ва сохтмони биноҳои баландошёна тибқи нақшаи генералии ноҳия гайриимкон аст. Бунёди хати обу ташноб дар шаҳраки Ғончӣ афзалияти аввалиндараҷа дар давоми солҳои 2016-2020 мебошад.

Дар тавозуни муассисаи КФ-и «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳия ҳамагӣ 4 автомашина барои баровардани партовҳои сахти маишӣ (фарсӯда) ва 1 адад мошини обкашонӣ мавҷуд мебошад, ки талаботро пурра қонеъ карда наметавонад.

Дар ноҳия партовҳои сахти маишӣ беҳад дар ҳаҷми зиёд буда, дар сатҳи ҷамоатҳо ҷамъ карда баровардан ва безарар намудани партовҳо мушкилии зиёдро ба вуҷуд меорад. Муассисаи коммуналии ноҳия, ки бевосита мутасаддии ин корҳо мебошад, иқтидори дар сатҳи ҷамоатҳо ҳал намудани чунин мушкилиро надорад.

Дар доираи Барномаи рушди ноҳия беҳтар намудани шароити хизматрасонии коммуналӣ ба аҳолӣ, азнавсозии ҳамаи нуқтаҳои ахлотпарто, контейнерҳои мусурпарто ва инчунин таъмин намудани корхона бо техникаи махсуси ахлотҷамъкунӣ дар назар дошта шудааст

## 4.2. Таъминот бо барқ

Дар ноҳия ду шабакаи барқии минтақавӣ, аз ҷумла шабакаҳои барқии Ғончӣ (шаҳраки Ғончӣ ва ҷамоатҳои деҳоти Яхтан, Ғазантарак ба 7561 хоҷагӣ) ва шабакаҳои барқии қитъаи Исмоили Сомонӣ (ҷамоатҳои Ваҳдат, Муҷун, Исмоили Сомонӣ, Росровут ва қисман Далёни Боло ба 15244 хоҷагӣ) ба 22805 хоҷагӣ хизмат мерасонад.

Дар тавозуни «Шабакаҳои барқии Ғончӣ» 2 адад зеристгоҳи 110/35/10 кВ бо насби 1 адад трансформатори 110 кВ, 1 адад трансформатори 35 кВ (тавоноии умумиаш 14 МВА), 225 зеристгоҳи трансформатори (бо тавоноии умумии 13 МВА) ва дар тавозуни «Шабакаҳои барқии қитъаи Исмоили Сомонӣ» 3 адад зеристгоҳи 35/10 кВ (бо тавоноии 16,6 МВА) тавассути 408 зеристгоҳи трансформаторӣ, 292,9 км хатҳои баландшиддати 10 кВ – 316,1 км хатҳои барқии 04 кВт хизмат мерасонанд.

Дар давоми солҳои 2016-2020 барои беҳтар намудани хизматрасонии барқ ба аҳолии ноҳия бунёди ЗИБ-110/10 кВ бо тавоноии 1х6300 кВа ва ЗИБ-35/10кВ бо тавоноии 1х4000 кВа дар ЗИБ 35/10кВ «Даштикон», хатҳои 0,4кВ-10кВ, ЗТ 10/04 (дар ҳамаи ҷамоатҳо) дар назар аст.

Хатҳои асосии таъминоти нерӯи барқи аҳолии ноҳия асосан аз хатҳои ҳавоӣ иборат буда, аз солҳои 1962-1970 дар истифода қарор доранд, ки имрӯзҳо бисёри онҳо корношоям гардида, зарурияти иваз намудани онҳо ба миён омадааст.

## *4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ.*

Роҳи мошингард воситаи асосии ҳамлу нақли бору маҳсулот ва мусофиркашонӣ буда, тавассути он робитаҳои дохилию берунии иқтисодии ноҳия амалӣ мегарданд. Аз ҳудуди ноҳия роҳи автомобилгарди ҷумҳуриявӣ гузашта онро бо пойтахти ҷумҳурӣ, маркази вилоят ва давлатҳои ҳамсоя пайваст мекунад.

Ба аҳолии ноҳия ду ташкилоти нақлиёти ҶДММ “Адаб” бо 100 адад автомобили боркаш, 60 адад автомобили мусофиркаш ва бахши филиали ҶДММ “Дӯстӣ” бо теъдоди 14 автомобили боркашон ва 30 автомобили мусофирбар хизмат мерасонанд.

Дар ноҳия муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилӣ фаъолият дорад ва дар тавозуни он 198 км роҳҳои маҳаллӣ, 22 км роҳи аҳамияти ҷумҳуриявӣ, 460 км роҳи байнихоҷагӣ (725,4 км), 19 адад купрук (2 садамавӣ ) ва 151 адад иншооти обгузар мавҷуд мебошад. Вазъи роҳҳо дар ҳолати бад қарор дошта ба талаботи стандарти ҷаҳонӣ ҷавогӯ намебошад (бахусус роҳҳои маҳаллӣ Ғончӣ-Муҷун-Калининобод-Овчӣ, Хӯҷа Тоҳир-Хуштоири Мухлон-Лолазор-Куруш, Басманда-Калининобод-Чорбоғ, Калининобод-Қалача-Даҳяк, Қалъаи Дӯст-Даҳкат, Ҳавутак-Муҷун-Чорбоғ ва кӯпрукҳо).

Дар ноҳияи Ғончӣ зиёда аз 725,4 километр роҳҳои автомобилгард мавҷуд буда, аз онҳо:

| Аз рӯи намуди фарш: | |
|---|---|
| аз асфалти гарм сохташуда | 100,8 км |
| аз омехтаи шағалу мум сохташуда | 83,4 км |
| Шағал | 460,2 км |
| Хокӣ | 81,0 км |

## 4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ.

Дар ноҳияи Ғончӣ 1 адад истгоҳҳои автоматии телефонӣ мавҷуд буда, ғунҷоиши истгоҳҳои васлкардашудаи телефонӣ 2048 рақам ва миқдори дастгоҳҳои асосии телефонӣ беш аз 1225 ададро ташкил медиҳад. Фарогирии аҳолӣ бо барномаҳои телевизионии шабакаи якум-90,0%, Сафина-80,0%, Баҳористон 90 %, Ҷаҳоннамо 80 % ва радиои ҷумҳуриявӣ 35,0% мебошад.

## БОБИ 5. ОМОДАГӢ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА, ПЕШГИРӢ ВА КАМ КАРДАНИ ҲОЛАТИ ХАТАРИ ОНҲО

Таи солҳои панҷ соли охир дар ноҳия 11 ҳолати фавқулоддаи хусусияти табиӣ ва техногени дошта ба қайд гирифта шудааст, ки дар натиҷаи он ба соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ноҳия 18,2 млн. сомонӣ хисороти молиявӣ расонида шудааст, ки ин 6,1 фоизи буҷети маҳаллиро ташкил медиҳад. Офатҳои табиии ҳамасола ба аҳолии ноҳия таҳдидкунанда сел, шамоли сахт, боронҳои шадид ва хушксолӣ ва таъсири тағйирёбии иқлим мебошанд.

| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | дар 5 сол |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ зарар бо млн.сомонӣ | 1,8 | 13,6 | 1,4 | 0,7 | 0,7 | 18,2 |

Бо мақсади пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқулодда самти асоси дар доираи Барнома тайи солҳои 2016-2020 дар ҳолати омодабошӣ ва эътино қарор додан ва пешгирӣ намудани офатҳои табиӣ ба таври комплексии байнисоҳавии ҳамаи бахшҳои инфрасохтор мебошад, зеро ҳангоми ба вуқӯъ омадани офатҳои табиӣ дар шароити тағйирёбии иқлим тамоми соҳаҳо зарар мебинанд.

# БОБИ 6. ТАЪМИНОТ БО МАБЛАҒҲОИ ЗАРУРӢ

Маблағгузории Барномаи рушди ноҳия аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети маҳаллӣ, сармояҳои дохилӣ (соҳибкорони ватанӣ) ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, инҳо дохил мешаванд:

- *ҳиссаи аҳолӣ дар иҷрои Барнома;*
- *пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои манфиатдор дар иҷрои Барнома;*
- *карзҳои бонкӣ;*
- *маблаги фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;*
- *сармояи инвесторҳои хориҷӣ, ки дар иҷрои Барнома манфиатдоранд ва ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо;*
- *сармояи муҳоҷирони меҳнатии берунмарзе, ки дар таъмини Барнома манфиатдоранд.*

Мутаассифона буҷети маҳаллӣ нокифоя буда, барои ҳисоббаробаркунӣ аз буҷети ҷумҳурӣ ҳамасола зиёда аз 31,3 млн. сомонӣ маблағ ҷудо карда мешавад.

Даромади умумии буҷети ноҳия ба 10 намуди андоз ва пардохт асос ёфтааст. Даромади буҷети ноҳия ҳамагӣ 36 фоизи хароҷотро таъмин карда метавонад ва боқимонда аз буҷети вилоятӣ барои ҳисоббаробаркунӣ субвенсия гирифта мешавад.




Буҷети ноҳия хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар қисми хароҷот ҳиссаи зиёдро хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Ҳаҷми маблағгузории буҷети ин соҳаҳо дар асоси ҳисобу китоби харҷномавӣ (сметавӣ) муайян мегардад. Тайи солҳои 2010 - 2014 ҳиссаи

харочот барои соҳаҳои маориф ва тандурустӣ мутаносибан 3,6 маротиба ва 2,6 маротиба зиёд шудааст.

Сохтори харочоти бучети ноҳияи Ғончӣ аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ асосан аз категорияҳои музди меҳнат ва суғуртаи давлатӣ (92,3 фоиз), харочот барои коргузорӣ ва молҳои хочагӣ (0,5 фоиз), субсидияҳо (0,03 фоиз), харочоти коммуналӣ (1,7 фоиз), алоқа (0,06 фоиз), нигоҳдорӣ ва таъмир (2,0 фоиз) ва дигар харочотҳо (3,4 фоиз) иборат мебошад. Харочоти асосӣ барои бунёди иншоти нав, таъмири биноҳо ва харидории тачҳизот равона нашудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2014 беш аз 42,1 млн. сомонӣ ва ё 92,3 фоизи харочоти бучети маҳаллӣ ба пардохти музди меҳнат ва ҳиссачудокунии корфариоён равона гардидааст. Маблағҳои барои нигоҳдорӣ ва таъмир равона шуда, 932,0 ҳазар сомонӣ ва ё 2,0 фоизро ташкил медиҳанд. Барои таъмини Барнома дар панч соли оянда фазои сармоягузориро дар ноҳия беҳтар намуда, чалби сармоягузорони хоричию дохилиро ба роҳ мондан лозим аст.

Манбаъҳои иловагӣ барои пур кардани даромади бучети маҳаллӣ тайи солҳои минбаъда аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои лалмӣ ҳангоми бунёди канали Даҳкатсой-Даҳанасой (11,0 ҳазор га замин) ва таъсиси корхонаҳои нав мебошад. Дар натича пардохти андози ягона ва дигар намуди пардохтҳо зиёд гардида, ба қисмати даромади бучети маҳаллӣ маблағҳои иловагӣ ворид мегарданд.

## БОБИ 7.
## НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Низоми мониторинг ва арзёбӣ унсури муҳим дар татбиқи Барномаи рушди ичтимоию иқтисодии ноҳияи Ғончӣ барои солҳои 2016 - 2020 ба ҳисоб рафта, мушоҳидаи чараёни корҳо, мушкилотҳои чойдошта ва натичаҳои бадастомадаро ошкор месозад. Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натичаҳои татбиқи амалии Барнома таъмин гардада, омилҳои зерин ошкор карда шаванд:

- то кадом андоза ба ҳадафҳои Барнома муваффақ мешавем;
- татбиқи лоиҳаҳои дар Барнома воридгардида ва натичаи онҳо.

Низоми мониторинги Барномаи рушди ноҳия аз рӯи ду унсур (мониторинги натичавӣ ва мониторинги татбиқи лоиҳаҳо*)* гузаронида мешавад.

*Мониторинги натичавӣ* аз рӯи индикаторҳо (нишондиҳандаҳо) гузаронида шуда, тавассути он то кадом андоза ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда муайян карда мешавад (як маротиба дар охири сол гузаронида мешавад).

*Мониторинги татбиқи лоиҳаҳо* аз рӯи чойгиршавӣ, мӯҳлат, сарчашмаи маблағгузорӣ ва масъулин гузаронида мешавад. Барои гузаронидани он чадвали электронӣ бо формати «Excel» тартиб дода шуда, ҳар семоҳа ба таври синхронӣ бо ҳисоботи лоиҳаҳо аз нав тасҳеҳ карда мешаванд. Арзёбии таъсиррасонӣ аз чониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон), ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.

| | Занҷири мантиқии бахши иқтисодиёт | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | |
| | **Чорабиниҳо/лоиҳаҳо** | **Арзиши умумӣ, ҳаз.сомонӣ** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **Масъул** | **Сарчашмаи маблағгузорӣ** |
| | | | | | | | | | |
| | **1. Соҳаи кишоварзӣ** | | | | | | | | |
| 1 | 1.1. Хобонидани хатти обгузар аз Даҳанасой то маҳаллаҳои навбунёди шаҳраки Ғончӣ-6 км | **1010** | - | 50 | 320 | 320 | 320 | МИҲД вилояти Суғд ва ноҳия | *Буҷети вилоятӣ* |
| 2 | 1.2. Хобонидани хатти обгузар аз Даҳанасой-Лолазор ба деҳаҳои Қалъачаи Азим, Гул, Эшонқурғон | **460** | 92 | 92 | 92 | 92 | 92 | МИҲД-и ноҳияи Ғончӣ, саҳмдорони хоҷагӣ, аҳолӣ | Маблағҳои худӣ |
| 3 | 1.3. Хобонидани хати обгузари Даҳанасой-Лолазор ба деҳаи Хӯҷа Тоҳир-2,5 км | **800** | 160 | 160 | 160 | 160 | 160 | МИҲД-и ноҳияи Ғончӣ, саҳмдорони хоҷагӣ, аҳолӣ | Маблағҳои худӣ |
| 4 | 1.4. Сохтмони гармхонахо дар хамаи чамоатхои шахраку дехоти нохия (8 адад) | **560** | 112 | 112 | 112 | 112 | 112 | МИҲД-и ноҳияи Ғончӣ, саҳмдорони хоҷагӣ, аҳолӣ | Маблағҳои худӣ |
| 5 | 1.5. Кофтани чоҳҳои амуди дар х/д «О.Холиқов», «Зафар», «Зӯҳро», «Ғалаба», «Ғаллакор», «Бобур»-и ч/д Ғазантарак-10 адад | **1750** | 350 | 350 | 350 | 350 | 350 | МИҲД-и ноҳияи Ғончӣ, хоҷагихои дехконӣ | Маблағҳои худӣ |
| 6 | 1.6. Сохтмони хатти оби Даххатсой-Даҳанасой | **64433,2** | 5000 | 5000 | 21000 | 11000 | 22433,2 | МИҲД вилояти Суғд ва ноҳия, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Сармояи дохилию хориҷӣ |
| 7 | 1.7. Кофтани чоҳҳои амуди дар сойи Хуштоири Мухлон-4 адад | **1200** | 240 | 240 | 240 | 240 | 240 | МИҲД вилояти Суғд ва ноҳия, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Сармояи дохилию хориҷӣ |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 8 | 1.8. Бунёди обанбор дар деҳаи Далёни Боло | **10500** | 5300 | 5200 | 0 | 0 | 0 | МИҲД вилояти Суғд ва ноҳия, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Сармояи дохилию хориҷӣ |
| 9 | 1.9. Корҳои ҷангалбарқароркунӣ (деҳаҳои Росровут ва Хишекат) | 461,2 | 230,6 | 230,6 | - | - | - | МИҲД-и н Ғончӣ, Ташкилоти сармоягузории Актед | Сармояи хориҷӣ |
| 10 | 1.10. Шинонидани дарахтони тезафзоишёбанда (деҳаи Росровут) ба миқдори умумии 20000 бех | 80,3 | 40,1 | 40,1 | - | - | - | МИҲД-и н Ғончӣ, Ташкилоти сармоягузории Актед | Сармояи хориҷӣ |
| 11 | 1.11. Ҷорӣ кардани зироатҳои алтернативӣ дар заминҳои лалмӣ (деҳаҳои Метк, Офтобрӯй, Даххат) | 360,9 | 180,5 | 180,5 | - | - | - | МИҲД-и н Ғончӣ, Ташкилоти сармоягузории Актед | Сармояи хориҷӣ |
| 12 | 1.12. Барқароркунии чарогоҳҳо (дар деҳаҳои Росровут, Хишекат, Метк, Офтобрӯй) | 1110,4 | 555,2 | 555,2 | - | - | - | МИҲД-и н Ғончӣ, Ташкилоти сармоягузории Актед | Сармояи хориҷӣ |
| | Ҳамагӣ | 82725,9 | 12260,4 | 12210,4 | 22274,0 | 12274,0 | 23707,2 | | |
| | Буҷети ҷумҳуриявӣ | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | | |
| | Буҷети вилоятӣ | 1010,0 | 0,0 | 50,0 | 320,0 | 320,0 | 320,0 | | |
| | Буҷети маҳаллӣ | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | | |
| | Маблағҳои худӣ | 3570 | 714 | 714 | 714 | 714 | 714 | | |
| | Сармояи хориҷӣ | 78145,9 | 11546,4 | 11446,4 | 21240,0 | 11240,0 | 22673,2 | | |
| | **2. Саноат ва соҳибкории хурду миёна** | | | | | | | | |
| 1 | 2. 1. Сохтмони корхонаи хурди коркарди маҳсулоти ширу гӯшт дар деҳаи Муҷун ва Ҳазорчашма | 500 | - | - | - | 250 | 250 | МИҲД-и ноҳия, Соҳибкорони маҳаллӣ | Маблағҳои худӣ |
| 2 | 2.2. Меҳмонхона барои 25 нафар дар маркази ноҳия | 1100 | - | | *600* | *500* | - | МИҲД-и ноҳия, Соҳибкорони маҳаллӣ | Маблағҳои худӣ |
| 3 | 2.3. Сохтмони нуктаи фурӯши газу нафт дар деҳаи Меҳробод | 1000 | - | 1000 | - | - | - | МИҲД-и ноҳия, Соҳибкорони маҳаллӣ | Маблағҳои худӣ |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | 2.4. Маркази хизматрасонии техникӣ, нуқтаи фурӯши гази моеъ ва тухмиҳои хушсифати кишоварзӣ дар ҷ/д Ваҳдат | 740 | *100* | 160 | 160 | 160 | 160 | МИҲД-и ноҳия, Соҳибкорони маҳаллӣ | Маблағҳои худӣ |
| 5 | 2.5. Сохтмони Заводи хиштбарорӣ | 2000 | - | *1000* | *1000* | - | - | МИҲД-и ноҳия, Соҳибкорони маҳаллӣ | Маблағҳои худӣ |
| 6 | 2.6. Сехи консервабарорӣ | 500 | - | - | *250* | *250* | - | МИҲД-и ноҳия, Соҳибкорони маҳаллӣ | Маблағҳои худӣ |
| 7 | 2.7. Сохтмони корхонаи пӯстқабулкунӣ ва коркарди он | 900 | - | - | *450* | *450* | - | МИҲД-и ноҳия, Соҳибкорони маҳаллӣ | Сармояи хориҷӣ |
| | Ҳамагӣ | ***6740*** | ***100*** | ***2160*** | ***2460*** | ***1610*** | ***410*** | | |
| | Буҷети ҷумҳуриявӣ | ***0*** | ***0*** | ***0*** | ***0*** | ***0*** | ***0*** | | |
| | Буҷети вилоятӣ | ***0*** | ***0*** | ***0*** | ***0*** | ***0*** | ***0*** | | |
| | Буҷети маҳаллӣ | ***0*** | ***0*** | ***0*** | ***0*** | ***0*** | ***0*** | | |
| | Маблағҳои худӣ | ***5840*** | ***100*** | ***2160*** | ***2010*** | ***1160*** | ***410*** | | |
| | Сармояи хориҷӣ | ***900*** | ***0*** | ***0*** | ***450*** | ***450*** | ***0*** | | |
| | | | | | | | | | |
| | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ, ҳазор сомонӣ | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Масъул | Сарчашмаи маблағгузорӣ |
| | **Занҷири мантиқии бахши иҷтимоиёт** | | | | | | | | |
| | **1. Маориф** | | | | | | | | |
| 1 | 1.1. Сохтмони 8 синфхонаи иловагӣ барои192 нафар ҷои нишаст дар назди МТМУ №25-и деҳаи Хишекат | 3282,4 | - | 820,6 | 820,6 | 820,6 | 820,6 | Вазорати маориф ва илм | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* |
| 2 | 1.2. Сохтмони бинои нотамом барои 180 ҷои нишаст дар назди МТМУ №21-и деҳаи Хӯҷа Тоҳир ва толори варзишӣ дар назди муассисаи мазкур | 4000 | - | 1000 | 1000 | 1000 | 1000 | Вазорати маориф ва илм | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* |
| 3 | 1.3. Сохтмони бинои нави таълимӣ ба ҷои бинои садамавӣ дар МТМУ №5-и деҳаи Ҳазорчашма-640 | 5500 | 1100 | 1100 | 1100 | 1100 | 1100 | Вазорати маориф ва илм | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | хонанда | | | | | | | | |
| 4 | 1.4. Сохтмони бинои мактаб барои 240 ҷои нишаст дар деҳаи Файзобод | 2800 | 0 | 200 | 1200 | 1400 | 0 | МИҲД-и вилояти Суғд ва ноҳия | Буҷети вилоятӣ |
| 5 | 1.5.Сохтмони бинои таълимӣ ба ҷои бинои садамавӣ дар назди МТМУ №44-и деҳаи Далёни Поён барои 640 хонанда | 3700 | 500 | 1000 | 2200 | - | - | МИҲД-и вилояти Суғд ва ноҳия | Буҷети вилоятӣ |
| 6 | 1.6. Сохтмони толори варзишӣ дар назди МТМУ №1-и шаҳраки Ғончӣ-200 ҷои нишаст | 1700 | - | - | - | 700 | 1000 | МИҲД-и вилояти Суғд ва ноҳия | Буҷети вилоятӣ |
| 7 | 1.7. Сохтмони бинои иловагӣ барои 240 ҷои нишаст дар назди МТМУ №51-и деҳаи Ғазантарак | 1400 | - | - | - | 700 | 700 | МИҲД-и вилояти Суғд ва ноҳия | Сармояи хориҷӣ |
| 8 | 1.8. Сохтмони бинои таълимӣ барои 360 нафар хонанда дар назди МТМУ №15-и деҳаи Угук | 4500 | 0 | 0 | 1500 | 1500 | 1500 | МИҲД-и вилояти Суғд ва ноҳия, Сафорати Ҷопон | Сармояи хориҷӣ |
| | Ҳамагӣ | 26882,4 | 1600,0 | 4120,6 | 7820,6 | 7220,6 | 6120,6 | | |
| | Буҷети ҷумҳуриявӣ | 12782,4 | 1100,0 | 2920,6 | 2920,6 | 2920,6 | 2920,6 | | |
| | Буҷети вилоятӣ | 8200,0 | 500,0 | 1200,0 | 3400,0 | 2100,0 | 1000,0 | | |
| | буҷети маҳаллӣ | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | | |
| | Сарчашмаҳои хориҷӣ | 5900 | 0,0 | 0,0 | 1500,0 | 2200,0 | 2200,0 | | |
| | **2. Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ** | | | | | | | | |
| 1 | 2.1. Ба итмом расонидани сохтмони бинои нави Шӯъбаи таваллуди Беморхонаи марказии ноҳия | 5000 | 1000 | 2000 | 2000 | - | - | МИҲД-и вилоят ва ноҳия | Буҷети вилоятӣ |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2 | 2.2. Ташкил намудани курсхои касбомӯзӣ бекорон | 400 | - | 100 | 100 | 100 | 100 | МИҲД-и ноҳия, шуъбаи агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия | Маблағҳои худӣ, |
| 3 | 2.3. Таъмири кулли Маркази саломатии деҳотии деҳаи Сурхоб | 300 | - | - | 100 | 100 | 100 | МИҲД-и ноҳия, | Сармояи дохилию хориҷӣ |
| 4 | 2.4. Сохтмони маркази саломатии деҳот дар деҳаи Хӯштоири Мухлон | 500 | 500 | - | - | - | - | МИҲД-и ноҳия, Бонки умуммиҷаҳонӣ | Сармояи дохилию хориҷӣ |
| 5 | 2.5. Таҷҳизонидани шуъбахои Беморхонаи марказии нохия бо тачхизотхои зарури (анализатор, автоклав) (БМН) | 500 | - | 100 | 100 | 150 | 150 | Вазорати тандурусти ва ҳифзи иҷтимоии аҳоли,МИҲД-и ноҳия | Сармояи дохилию хориҷӣ |
| 6 | 2.6. Сохтмони маркази саломатии деҳот дар деҳаи Далён | 500 | 500 | - | - | - | - | МИҲД-и ноҳия, Бонки умуммиҷаҳонӣ | Сармояи дохилию хориҷӣ |
| | Ҳамагӣ | 7200 | 2000 | 2200 | 2300 | 350 | 350 | | |
| | Буҷети ҷумҳуриявӣ | 0 | | | | | | | |
| | Буҷети вилоятӣ | 5000 | 1000 | 2000 | 2000 | 0 | 0 | | |
| | Буҷети маҳаллӣ | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | | |
| | Маблағҳои худӣ | 400 | - | 100 | 100 | 100 | 100 | | |
| | Сармояи хориҷӣ | 1800 | 1000 | 100 | 200 | 250 | 250 | | |
| | 3. Фарҳанг, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | | | | | | | | |
| 1 | 3.1. Азнавсозии Қасри фарҳанг дар ноҳияи Ғончӣ | 989 | - | - | 989 | - | - | МИҲД-и вилоят ва ноҳия | Буҷети вилоятӣ |
| 2 | 3.2. Таъмири асосии хонаҳои фарҳангии деҳот дар деҳаҳои Лолазор, Калининобод, Далён, Нуробод | 221 | - | 40 | 40 | 45 | 96 | МИҲД-и ноҳия | Буҷаи маҳаллӣ |
| 3 | 3.3. Таъмири асосии хонаи фарҳангӣ ноҳия | 240 | - | - | 100 | 140 | - | МИҲД-и ноҳия | Буҷаи маҳаллӣ |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | 3.4. Таъмири клубҳо дар деҳаҳои Даштикон, Овчӣ, Угук, Хӯҷа Тоҳир, Хишекат | 200 | - | 40 | 40 | 40 | 80 | МИҲД-и ноҳияи Ғончӣ | Буҷаи маҳалли |
| 5 | 3.5. Сохтмони майдончаҳои варзишӣ дар деҳаҳои Дахкат, Офтобрӯ, Угук, Метк, Каҷровут ва Сурхоб | 384 | - | 96 | 96 | 96 | 96 | МИҲД-и ноҳия, Соҳибкорони маҳаллӣ | Маблағҳои худӣ |
| 6 | 3.6. Сохтмони варзишгоҳҳо дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия | 800 | - | 200 | 200 | 200 | 200 | МИҲД-и ноҳия, Соҳибкорони маҳаллӣ | Маблағҳои худӣ |
| 7 | 3.7. Ҳавзи шиноварӣ дар маркази ноҳия | 240 | - | 150 | 90 | - | - | МИҲД-и ноҳия, Соҳибкорони маҳаллӣ | Маблағҳои худӣ |
| | Ҳамагӣ | 3074,0 | 0,0 | 526 | 1555 | 521 | 472 | | |
| | Буҷети ҷумҳуриявӣ | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | | |
| | Буҷети вилоятӣ | 989,0 | 0,0 | 0,0 | 989,0 | 0,0 | 0,0 | | |
| | буҷети маҳаллӣ | 661,0 | 0,0 | 80,0 | 180,0 | 225,0 | 176,0 | | |
| | Маблағҳои худӣ | 1424,0 | 0,0 | 446,0 | 386,0 | 296,0 | 296,0 | | |
| | | | | | | | | | |
| **Занҷири мантиқии бахши инфрасохтор** | | | | | | | | | |
| | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ, ҳаз. сомонӣ | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Масъул | Сарчашмаи маблағгузорӣ |
| | *1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хизматрасонии манзилию рифоҳӣ* | | | | | | | | |
| 1 | 1.1. Сохтмони иншоот ва шабакаҳои обтаъминкунии деҳаи Даштикон | 1259 | - | - | - | 500 | 759 | МИҲД-и вилоят ва ноҳия | Буҷети вилоятӣ |
| 2 | 1.2. Таъмири роҳи пиёдагардҳо дар маркази ноҳия (12,4 ҳаз. м²) | 750 | - | 200 | 200 | 200 | 150 | МИҲД-и ноҳия, сохибкорони махалли | Маблағҳои худӣ |
| 3 | 1.3. Сохтмони иншоот ва шабакаҳои обтаъминкунии деҳаи Демнора | 4927,4 | - | - | - | 2500 | 2427,4 | КДФ “ХМК”, МИҲД-и вилоят ва ноҳия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Сармояи дохилӣ ва хориҷӣ |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | 1.4. Сохтмони хатти ташноби маркази Шаҳрак | 4000 | - | - | 500 | 2500 | 1000 | КДФ “ХМК”, МИҲД-и вилоят ва ноҳия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ | Сармояи дохилӣ ва хориҷӣ |
| 5 | 1.5. Таъминот бо нақлиётҳои махсус | 1000 | | - | 300 | 300 | 400 | КДФ “ХМК”-и ҶТ, МИҲД-и ноҳия, КДФ “ХМК”-и ноҳия | Сармояи хориҷӣ |
| | *Ҳамагӣ* | 11936,4 | 0 | *200,0* | *1000,0* | *6000,0* | *4736,4* | | |
| | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | 0,0 | *0,0* | *0,0* | *0,0* | *0,0* | *0,0* | | |
| | *Буҷети вилоятӣ* | 1259,0 | *0,0* | *0,0* | *0,0* | *500,0* | *759,0* | | |
| | *Маблағҳои худӣ* | 750,0 | *0,0* | *200,0* | *200,0* | *200,0* | *150,0* | | |
| | *Сарчашмаҳои хориҷӣ* | 9927,4 | *0,0* | - | *800,0* | *5300,0* | *3827,4* | | |
| | | | | | | | | | |
| | *2. Барқтаъминкунӣ* | | | | | | | | |
| 1 | 2.1. Сохтмони навбати ЗИ «Ғончӣ» 110-10кВ 1х6300 кВа | 5000 | - | *1000* | *1500* | *1000* | *1500* | Вазорати энергетика ва захираҳои об,ШСХК "Барқи тоҷик"МИҲД-и ноҳия | Сармояи хориҷӣ |
| 2 | 2.2. Сохтмони ЗИ 35/10 дар шафати ЗИ «Даштикон» 1х4000 кВа | 4800 | - | *1200* | *1200* | *1200* | *1200* | МИҲД-и ноҳия, ШСХК "Барқи тоҷик" | Сармояидохилию хориҷӣ |
| 3 | 2.3. Сохтмони нави ЗИ «Калининобод» 110/10 кВ 1х6300 кВа | 5000 | - | *1000* | *1000* | *1500* | *1500* | Вазорати энергетика ва захираҳои об,ШСХК "Барқи тоҷик", МИҲД-и ноҳия | Сармояи хориҷӣ |
| | **Ҳамагӣ** | 14800,0 | *0,0* | *3200,0* | *3700,0* | *3700,0* | *4200,0* | | |
| | **Буҷети ҷумҳуриявӣ** | 0,0 | *0,0* | *0,0* | *0,0* | *0,0* | *0,0* | | |
| | **Буҷети вилоятӣ** | 0,0 | *0,0* | *0,0* | *0,0* | *0,0* | *0,0* | | |
| | Сарчашмаҳои хориҷӣ | 14800,0 | *0,0* | *3200,0* | *3700,0* | *3700,0* | *4200,0* | | |
| | | | | | | | | | |
| | **3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳҳо** | | | | | | | | |
| 1 | *3.1. Таъмири роҳ (10 км) Ғончӣ-Муҷун-Калининобод-Овчӣ* | 12000 | - | *6000* | *6000* | - | - | МИҲД-и вилояти Суғд ва ноҳия | *Буҷети вилоятӣ* |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2 | *3.2. Роҳҳои байни хоҷагиҳо ва даромадгоҳ ба деҳаҳо* | 660 | *160* | *100* | *100* | *100* | *200* | МИҲД-и ноҳия, соҳибкорони маҳаллӣ, аҳолӣ | *Маблағҳои худӣ* |
| 3 | *3.3. Таъмири роҳ 16 км дар даромадгоҳ ба маркази ноҳия* | 13700 | - | - | - | *6700* | *7000* | Вазорати нақлиёт, МИҲД-и вилоят ва ноҳия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Сармояи дохилӣ ва хориҷӣ |
| 4 | *3.4. Таъмири роҳи 5,6 км дар қсмати 0-5,6 км роҳи автомобилгарди Истаравшан-Ғончӣ* | 4800 | - | - | - | *2000* | *2800* | Вазорати нақлиёт, МИҲД-и вилоят ва ноҳия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Сармояи дохилӣ ва хориҷӣ |
| | *Ҳамагӣ* | 31160,0 | *160,0* | *6100,0* | *6100,0* | *8800,0* | *10000,0* | | |
| | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | 0,0 | *0,0* | *0,0* | *0,0* | *0,0* | *0,0* | | |
| | *Буҷети вилоятӣ* | 12000,0 | *0,0* | *6000,0* | *6000,0* | *0,0* | *0,0* | | |
| | *Буҷети маҳаллӣ* | 0,0 | *0,0* | *0,0* | *0,0* | *0,0* | *0,0* | | |
| | *Маблағҳои худӣ* | 660,0 | *160,0* | *100,0* | *100,0* | *100,0* | *200,0* | | |
| | **Сарчашмаҳои хориҷӣ** | 18500,0 | *0,0* | *0,0* | *0,0* | *8700,0* | *9800,0* | | |
| | | | | | | | | | |
| | **Занҷири мантиқии ҳолатҳои фавқулодда** | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ, ҳаз.сомонӣ | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Масъул | Сарчашмаи маблағгузорӣ |
| | 1. Ҳолатҳои фавқулодда | | | | | | | | |
| 1 | 1.1. Соҳилмустаҳкамкунии селроҳаи деҳаи Росровут-1,5км | 240 | 100 | 70 | 70 | - | - | Агентии беҳдошти замин ва обёри, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда, Сармояи хориҷӣ | Сармояи дохилию хориҷӣ |
| 2 | 1.2. Соҳилмустаҳкамкунии селроҳаи деҳаи Обиборик-1,5км | 250 | 100 | 100 | 50 | - | - | Агентии беҳдошти замин ва обёри, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда, Сармояи хориҷӣ | Сармояи дохилию хориҷӣ |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | 1.3. Лоиҳаҳои митигасионӣ (дар деҳаҳои Росровут, Хишекат, бобучак, Даххат, Офтобрӯй, Метк) | 560,2 | 280,1 | 280,1 | - | - | - | МИҲД-и н Ғончӣ, Ташкилоти сармоягузории Актед | Сармояи дохилию хориҷӣ |
| 4 | 1.4. Азнавсозии паногоҳи зиддирадиатсиони дар МТМУ №16-и маркази ноҳия | 100 | | - | - | | 100 | Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда, Сармояи хориҷӣ | Сармояи хориҷӣ |
| 5 | 1.5. Азнавсозии паногоҳи зиддирадиатсиони дар МИҲД-и ноҳия | 100 | - | - | - | 100 | - | Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда, Сармояи хориҷӣ | Сармояи хориҷӣ |
| | **Ҳамагӣ** | **1250,2** | 480,1 | 450,1 | 120,0 | 100,0 | 100,0 | | |
| | **Буҷети ҷумҳуриявӣ** | **0,0** | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | | |
| | **Сарчашмаҳои хориҷӣ** | **1250,2** | 480,1 | 450,1 | 120,0 | 100,0 | 100,0 | | |
| | | | | | | | | | |
| | **Занҷири мантиқии таъминоти захиравӣ** | | | | | | | | |
| | **Чорабиниҳо/лоиҳаҳо** | **Арзиши умумӣ, ҳ.сомонӣ** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **Масъул** | **Сарчашмаи маблағгузорӣ** |
| | **1. Таъминоти захиравӣ** | | | | | | | | |
| 1 | 1.1. Сохтмони бинои адлия дар ноҳия | 2500 | - | - | - | 1000 | 1500 | Вазорати адлия | *Маблағҳои худӣ* |
| 2 | 1.2. Сохтмони бинои идораи кумитаи замини ноҳия | 1400 | 280 | 280 | 280 | 280 | 280 | Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ | *Маблағҳои худӣ* |
| 3 | 1.3. Сохтмони бинои маъмурии Нозироти андоз дар ноҳия | 3000 | 600 | 600 | 600 | 600 | 600 | Кумитаи андоз | *Маблағҳои худӣ* |
| | **Ҳамагӣ** | 6900,0 | 880,0 | 880,0 | 880,0 | 1880,0 | 2380,0 | | |
| | **Буҷети ҷумҳуриявӣ** | 0,0 | - | - | - | - | - | | |
| | **Маблағҳои худӣ** | 6900,0 | 880,0 | 880,0 | 880,0 | 1880,0 | 2380,0 | | |